Пардохти андозҳо - нишонаи бофарҳангии ҷомеа

# Боҷу ХИРОҶ

№26 (1175)
Чоршанбе, 26 июни соли 2019

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН




ПРЕЗИДЕНТ



## Маҷлиси навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид

с. 2

27 ИЮН - РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

## Ваҳдат - падидаи пурарзиши таърихӣ

Табрикоти Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатзода Нусратулло Муқим ба муносибати Рӯзи Ваҳдати миллӣ

с. 5

РОБИТА

## Ҳамкориҳои судманд

Робитаҳои байналмилалӣ ва ҳамкориҳои мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақомоти андози кишварҳои хориҷӣ

с. 7

НАТИҶАГИРӢ

## Самараи фаъолият

Нишондиҳандаи қисми даромади буҷет бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ

с. 9

ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИР

## Вазифагузорӣ

Хизматрасониҳои мақомоти андоз бо истифода аз технологияҳои иттилоотии муосир

с. 11

АНДОЗ ДАР ХОРИҶА

## Ваколати рӯёнидани қарзи андоз

Муқаррароти қонунгузории андози кишварҳои хориҷӣ доир ба маҷбуран ситонидани қарзи андоз ва татбиқи амалии он

с. 13

# Маҷлиси навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид

**Рӯзи 21 июни соли 2019 дар бинои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**



Дар маҷлиси Ҳукумати мамлакат нахуст Нақшаи кори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нимсолаи дуюми соли 2019 баррасӣ ва қабул гардид.

Сипас оид ба ҷараёни иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2014, №302 «Дар бораи дастгирии давлатӣ ва андешидани тадбирҳо оид ба солимгардонии вазъи иқтисодию молиявии Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик» ҳисоботи вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон Усмоналӣ Усмонзода шунида шуд.

Тавре таъкид гардид, рушди соҳаи энергетика, яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакат ба ҳисоб рафта, дар солҳои охир вазъи ин соҳаи афзалиятнок бо дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадриҷан беҳтар гардидааст ва дар натиҷаи ин дастгириҳо соли 2018 дар Тоҷикистон 19,7 млрд. кВт соат неруи барқ истеҳсол шудааст.

Зикр гардид, ки дар натиҷаи амалӣ гардидани нақшаи чорабиниҳо оид ба кам кардани талафоти неруи барқ дар давраи солҳои 2014-2018 сатҳи талафоти неруи барқ аз 17,3 фоиз дар соли 2014 то ба 15,5 фоиз дар соли 2018 коҳиш ёфта, дар ин давра ҳаҷми фоиданоки неруи барқ дар бозори дохилӣ зиёд гардид ва ҷамъоварии маблағ аз 1 млрд. 40 млн. сомонии соли 2014, дар соли 2018 2 маротиба зиёд ва ба 2 млрд 79 млн. сомонӣ баробар шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастур доданд, ки истифодаи сарфакоронаи неруи барқ, боз ҳам беҳтар намудани ҷамъоварии маблағи барқи истифодашуда, коҳиш додани сатҳи талафоти неруи барқ, ба пурраги гузаштан ба низоми муосири биллингии ҳисоби барқ ва баҳисобгирии неруи барқи таҳвилшаванда аз зеристгоҳҳои барқӣ то муштарии охирин таҳти назорат қарор дода шавад.

Қарор карда шуд, ки Вазорати энергетика ва захираҳои об, Хадамоти давлатӣ оид ба назорат дар соҳаи энергетика ва Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик» ҷиҳати муайян намудани андозаи воқеии талафоти неруи барқ, кам намудани он ва бо истифода аз низоми биллингӣ барои зиёд намудани ҳаҷми ҷамъоварии маблағи неруи барқи истифодашуда чораҳои мушаххас андешида, аз натиҷааш ҳар сол ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд.

Доир ба дигар масъалаҳои рӯзномаи корӣ, аз ҷумла дар бораи Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 вазири маориф ва илм Нуриддин Саид, дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019», оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хазинадорӣ» ва дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» вазири молия Файзиддин Қаҳҳорзода, дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода, оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» Прокурори генералӣ Юсуф Раҳмон гузориш доданд.

Баъди муҳокимаи аъзои ҳукумати мамлакат лоиҳаи қонунҳои мазкур барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд.

Дар кори маҷлиси Ҳукумати мамлакат ҳамчунин лоиҳаи як қатор созишномаҳои байниҳукуматии Тоҷикистон бо дигар кишварҳо мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Доир ба дигар масъалаҳои рӯзномаи кори маҷлиси Ҳукумати мамлакат, аз ҷумла Барномаи давлатии солимии репродуктивӣ барои солҳои 2019-2022 вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Насим Олимзода, дар бораи тарифҳои неруи барқ ва гармӣ ва дар бораи Методологияи ҳисоби тарифи неруи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сардори Хадамоти зиддиинҳисорӣ Икромиддин Ализода ва дар бораи Нақшаи генералии шаҳри Роғун раиси шаҳри Роғун Музаффар Сулаймонзода гузориш доданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба аъзои ҳукумат, роҳбарони вазорату идораҳо ва раисони шаҳру ноҳияҳо барои иҷрои бетаъхири масъалаҳои дар кори маҷлис баррасишуда, дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Дастуру супоришҳои дигар барои вусъати корҳои ободонию созандагӣ ба истиқболи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷамъоварии беталафи ҳосил, захираи кофии хӯроки чорво, таҳкими корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ва пешгирӣ аз ҳолатҳои фавқулода, ташкили истироҳати босифати кӯдакону наврасон дар лагерҳои истироҳатию фароғатии мамлакат ва омодагии ҳамаҷониба ба таҷлили сазовори ҷашну идҳои дарпешистода дода шуданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъди натиҷагирӣ аз баргузории Саммити панҷуми Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё, ки рӯзҳои 14-15 июни соли ҷорӣ дар пойтахти мамлакат — шаҳри Душанбе доир гардид, ба роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр ва ҳамаи сохтору мақомоти он барои дар сатҳи баланди ташкиливу омодагӣ ва дар муҳити ободу ором гузаронидани чорабинии зикршудаи байналмилалӣ изҳори сипос карда, миннатдории бепоёни худро, махсусан, ба сокинони шаҳри Душанбе, ронандагони воситаҳои нақлиёти ҷамъиятиву шахсӣ ва дигар сохторҳои хизматрасонӣ барои масъулияти баланди шаҳрвандӣ, одоби баланди муошират, фарҳанги волои меҳмондориву меҳмоннавозӣ ва хизматрасонии босифат ба ҳайати меҳмонони Тоҷикистон баён намуданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сатҳи тадбирҳои ободониву сабзу хуррамгардонӣ истиқболу гусели пуршукӯҳи меҳмонони олиқадр изҳори қаноатмандӣ карда, таъкид намуданд, ки дар сатҳи баланд баргузор шудани ин чорабинӣ натиҷаи заҳмату талоши тамоми сохторҳои шаҳрӣ ва саҳми арзишманди сокинони пойтахт мебошад.

# Ба имзо расидани як қатор қонунҳо аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон якчанд қонунҳоро ба имзо расониданд.**

Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳунармандӣ”, “Дар бораи чарогоҳ”, оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор”, «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», кодексҳои ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, гумрук ва андоз аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳунармандӣ”, ҷиҳати иҷрои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 26 декабри соли 2018 ва “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон шудани солҳои 2019-2021 таҳия ва қабул гардида, ба дастгирии давлатии соҳибкорӣ ва беҳдошти соҳаи сайёҳӣ, бахусус рушди ҳунарҳои мардумӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум равона шудаанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи чарогоҳ” дар таҳрири нав қабул гардида, дар он масъалаҳои тартиби ба истифода додани чарогоҳ, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои истифодабарандагони он, назорати истифодаи дуруст ва босамари чарогоҳ, инчунин дигар масъалаҳои чарогоҳ ба таври пурра танзим карда шуданд.

Дар асоси тағйироти воридгардида ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор” салоҳияти мақомоти ваколатдори давлатии навтаъсис дар соҳаи назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ ва авиатсияи гражданӣ муайян карда шуданд.

Тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» воридгардида, ба рушди соҳа дар самти ташкили махзани электронии феҳристи иҷозатномаҳо, такмили салоҳияти мақоми ваколатдори давлатии соҳаи иҷозатномадиҳӣ ва паҳлуҳои дигари соҳаи номбурда равона карда шудаанд.

Тағйиру иловаҳо ба кодексҳои ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бо мақсади пешгирии ғайриқонунӣ пайваст кардани симкортҳо ба шабакаи алоқаи барқӣ ва бо истифода аз онҳо содир кардани ҷиноятҳои хусусияти экстремистиву террористидошта равона гардида, барои содир кардани чунин кирдорҳо ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятиро муқаррар кардааст.

Бино ба тағйиру иловаҳои ба кодексҳои андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида, кормандони мақомоти номбурда минбаъд оид ба доромад ва вазъи молумулкии худ ба мақомоти дахлдор бояд эъломия пешниҳод намоянд.

Қонунҳои ба имзорасида ба ҳифзи ҳамаҷонибаи ҳуқуқу озодиҳои инсон, таъмини амнияти давлату ҷамъият, татбиқи дурусти сиёсати пуливу қарзӣ, дастгирии давлатии соҳибкорӣ, рушди ҳунарҳои мардумӣ ва беҳдошти зиндагии мардум равона шудаанд.

# Ҷабҳаи бузурги созандагӣ

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо сокинони ноҳияи Сангвор

**Ҳамдиёрони азиз!**

Мулоқоти имрӯзаи мо бо шумо — роҳбарону фаъолон ва намояндагони мардуми меҳмоннавозу шарафманди ноҳияи хушманзараи Сангвор дар остонаи Рӯзи Ваҳдати миллӣ сурат мегирад.

Ба ин муносибат хурду бузурги ноҳияро самимона табрик мегӯям ва ба ҳар яки шумо саломативу сарбаландӣ ва рӯзгори хушу осуда орзу менамоям.

Бисту ҳашт сол аст, ки мардуми Тоҷикистон, аз ҷумла сокинони ноҳияи Сангвор ба шарофати истиқлолият ва сулҳу суботи комил барои амалӣ гардидани ҳадафҳои стратегии миллӣ ва таъмин намудани рушди босуботи кишвари маҳбубамон аҳлона заҳмат мекашанд.

Ҳарчанд ки аз замони таъсис ёфтани ноҳияи Сангвор ҳамагӣ беш аз ду даҳсола сипарӣ мешавад, вале боиси хушҳолист, ки аллакай имрӯз дар натиҷаи амалисозии барномаҳои давлатӣ ва азму талоши ватандӯстонаи сокинони он дар ҳамаи самтҳои муҳимми иқтисодиву иҷтимоии ноҳия пешравиҳои назаррас ба мушоҳида мерасанд.

Дар тӯли солҳои истиқлолият шумораи аҳолии ноҳия 2,3 баробар зиёд гардида, аз 10 ҳазор нафари соли 1991 ба 23 ҳазор нафар дар соли 2018 расидааст, ки ин нишонаи мунтазам беҳтар шудани сатҳи некӯаҳволии сокинон мебошад.

Аз ҷониби Ҳукумати мамлакат барои таъмин намудани пешрафти ноҳияи Сангвор дар замони истиқлолият аз ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузории давлатӣ қариб 300 миллион сомонӣ равона шудааст, ки 90 миллиони он ба се соли охир рост меояд.

Имрӯз мо бо фаъолияти хоҷагиҳои кишоварзӣ, намоишгоҳи маҳсулоти соҳа ва самараи заҳмати ҳунармандони ноҳия шинос шуда, таассуроти нек бардоштем.

Чунонки медонед, имрӯзҳо тамоми қаламрави мамлакатамон ба ҷабҳаи бузурги созандагӣ мубаддал гардида, мардуми заҳматдӯст ва бонангу номуси кишвар ба хотири зебо гардонидани ҳамаи гӯшаву канорҳои Ватанамон саъю талоши бесобиқа карда истодаанд.

Дар ноҳияи Сангвор бо мақсади истиқболи шоистаи 30-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон бунёду азнавсозии 77 иншоот ба нақша гирифта шуда, то имрӯз сохтмони 15 иншоот ба анҷом расонида шудааст, вале бояд гуфт, ки ин нишондиҳанда ҳанӯз қонеъкунанда нест.

Иҷрои Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Сангвор барои солҳои 2013-2017 низ, ки дар доираи он бунёди 202 иншооту биноҳои нав пешбинӣ гардида буд, ҳамагӣ 22 фоиз таъмин гардидааст.

Бо дарназардошти чунин вазъ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия вазифадоранд, ки якҷо бо дигар вазорату идораҳои дахлдор захираву имкониятҳои ноҳияро ҳамаҷониба омӯхта, доир ба роҳҳои таъмин намудани тараққиёти ноҳия, аз ҷумла соҳаҳои кишоварзӣ, саноат, сайёҳӣ ва бахшҳои хизматрасонӣ хулосаҳои худро ба Ҳукумати кишвар пешниҳод созанд.

Тайи солҳои 2016-2018 дар ноҳия дар доираи ду лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ доир ба тақвияти таҳсилоти касбии техникӣ ва идоракунии экологии замин маблағи 12 миллион сомонӣ аз худ карда шудааст.

Ҳамчунин, дар ин давра дар доираи 7 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ, аз ҷумла лоиҳаи барқарорсозии баъдиҷангӣ барои азнавсозии инфрасохтори манзиливу коммуналӣ, рушди соҳаҳои кишоварзиву маориф ва ҳифзи иҷтимоӣ 50 миллион сомонӣ равона гардида, татбиқи 2 лоиҳа ба маблағи қариб як миллион сомонӣ доир ба таъмиру таҷҳизонидани синфхонаҳои таълимӣ ва беҳтар кардани шароити таълиму тарбия идома дорад.

Тибқи маълумот ҳоло дар ноҳия 715 субъекти соҳибкорӣ ба қайд гирифта шуда, ба онҳо аз ҷониби бонкҳои давлативу тиҷоратӣ ҳамагӣ 41 ҳазор сомонӣ қарз дода шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018-ум 28 ҳазор сомонӣ ё 41 фоиз кам мебошад.

Ҳамчунин, аз ҳисоби Фонди дастгирии соҳибкорӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як субъекти соҳибкории ноҳия 125 ҳазор сомонӣ қарзи имтиёзнок дода шудааст.

Маблағи қарзҳои додашуда тамоман ночиз мебошад ва таъкид месозам, ки бо чунин тарзи муносибат рушди соҳибкориро таъмин кардан бисёр мушкил аст.

Бо сабаби он, ки соҳаи саноат аз ҷумлаи самтҳои муҳимтарини таҳким бахшидани иқтидори иқтисоди миллӣ ва омили асосии баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ мебошад, дар Паёми соли гузаштаи Президент ба Маҷлиси Олӣ саноатикунонии босуръат ба сифати ҳадафи чоруми стратегии мамлакат эълон гардид.

Бо ин мақсад аз ҷониби Ҳукумати мамлакат барои бунёди корхонаҳои миёнаву бузурги саноатӣ, истихроҷу коркарди маъдан, маҳсулоти кишоварзӣ ва бо ҳамин роҳ афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ ва молу маҳсулоти содиротӣ ҳамаи иқдомоти зарурӣ роҳандозӣ шуда истодааст.

Аммо дар баъзе шаҳру ноҳияҳои кишвар ба ин масъалаи ниҳоят муҳим эътибори ҷиддӣ зоҳир карда намешавад ва чунин муносибат боиси аз кор бозмондани як қатор корхонаҳо мегардад.

Аз ҷумла дар ноҳияи Сангвор аз чор корхонаву коргоҳи истеҳсолии ба қайд гирифташуда ду корхона аз аввали соли ҷорӣ фаъолият намекунад, ки боиси нигаронӣ мебошад.

Роҳбарони Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияро зарур аст, ки бо ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ барои фаъол гардонидани корхонаҳои мавҷуда ва таъсиси коргоҳу корхонаҳои истеҳсолии нав чораҳои саривақтӣ андешанд.

Ҳамчунин, роҳбарону масъулони ноҳия вазифадоранд, ки истифодаи самараноку мақсадноки маблағҳои буҷетиро таҳти назорати қатъӣ қарор диҳанд ва барои пешгирӣ кардани қонуншиканиҳо дар самти иҷрои қонунгузории андоз ва амалҳои коррупсионӣ тадбирҳои доимӣ андешанд.

Тибқи маълумот ҳоло шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ноҳияи Сангвор ба 568 расидааст, аммо ҳамагӣ 5,3 фоизи ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ба онҳо тааллуқ дошта, ҳиссаи боқимондаи истеҳсол ба хоҷагиҳои аҳолӣ рост меояд.

Бо мақсади зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот соли 2017 ҳолати мелиоративии зиёда аз 200 гектар заминҳои кишоварзӣ беҳтар карда шудааст.

Боиси қаноатмандист, ки дар ду соли охир майдони кишти картошка 127 гектар ва ҳаҷми истеҳсоли он 17 ҳазор тонна зиёд шудааст, ки чунин дастовард қобили дастгириву таҳсин аст.

Кишоварзони ноҳия имконият доранд, ки истеҳсоли картошкаро боз ҳам афзоиш диҳанд ва даромади бештар гиранд.

Занбӯриасалпарварӣ дар ноҳияи Сангвор низ яке аз соҳаҳое мебошад, ки дар сурати тараққӣ додани он таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва афзоиши даромади аҳолиро таъмин кардан мумкин аст.

Вале бо вуҷуди бунёди боғҳои нав ва барқарор кардани боғҳои кӯҳна истеҳсоли мева ҳамагӣ 5 фоиз афзоиш ёфта, ҳосилнокӣ қариб 3 сентнер аз ҳар як гектар кам гардидааст.

Бо мақсади ислоҳи чунин вазъ, Вазорати кишоварзӣ, Академияи илмҳои кишоварзӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Сангвор бояд тадбирҳои мушаххас андешанд.

Табиати ноҳияи Сангвор барои парвариши чорво мусоид буда, дар ин ҷода бояд масъулон ҷиҳати ташкили хоҷагиҳои чорводорӣ ва зиёд намудани саршумори чорвои хушзот чораҷӯӣ намоянд.

Кам будани техникаи кишоварзӣ, сатҳи пасти дастрасии хоҷагидорон ба қарзҳои бонкӣ мушкилоти дигаре мебошанд, ки аз роҳбарони ноҳия ва Корхонаи воҳиди давлатии "Тоҷикагролизинг" амалӣ намудани иқдомоти заруриро талаб мекунад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Тибқи маълумот дар давоми чор соли охир 847 нафар хатмкунандагони мактабҳои ноҳия ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар, аз ҷумла 7 нафар ба мактабҳои олии давлатҳои хориҷӣ дохил шудаанд, ки ин натиҷаи дастгириву ғамхориҳои Ҳукумати мамлакат мебошад.

Дар замони соҳибистиқлолӣ дар ноҳияи Сангвор аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ 44 бинои нави таълимӣ барои 6400 ҷойи нишаст сохта, ба истифода дода шудааст.

Бо вуҷуди ин, то ҳол муассисаҳои таълимӣ бо ашёи зарурии таълимӣ ва кадрҳои ихтисосманди омӯзгорӣ пурра таъмин нестанд, инчунин, норасоии ҷойи нишаст барои хонандагон, таъмирталаб будани бинои як қатор мактабҳо ва набудани кӯдакистонҳо роҳбарони ноҳия ва Вазорати маориф ва илмро вазифадор месозад, ки бо истифода аз ҳамаи имкониятҳо барои бартараф кардани камбудиву мушкилоти зикршуда чораҷӯӣ намоянд.

Соли 2018 бинои маркази саломатии ноҳия ва се бунгоҳи саломатии ноҳия аз таъмири асосӣ баровarda шудааст.

Аммо то ҳол дар баъзе деҳаҳои дурдасти ноҳия як силсила мушкилоту масъалаҳо, аз қабили мавҷуд набудани марказҳои саломатӣ, норасоии мутахассисони соҳибихтисос ва таҷҳизоту лавозимоти муосири тиббӣ мушоҳида мешаванд, ки бояд ҳаллу фасл карда шаванд.

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Сангворро зарур аст, ки то ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо ва ҷалби сармоягузорони дохиливу хориҷӣ мушкилоти мавҷударо бартараф намоянд.

Ноҳияи Сангвор дорои шароити мусоиди рушди соҳаи сайёҳӣ буда, табиати нотакрору манзараҳои нодир, намудҳои гуногуни ҳайвоноту наботот, гиёҳу чашмаҳои шифобахш, ҳунарҳои халқии он барои рушди сайёҳати экологиву кӯҳнавардӣ ва омӯзишу истифодаи гиёҳҳои шифобахш хеле мувофиқ мебошад.

Яъне соҳаи сайёҳӣ яке аз омилҳои муҳимми пешрафти ноҳияи Сангвор буда, мувофиқи мақсад аст, ки саҳми соҳибкорони ватанӣ ва сохтору мақомоти марбута дар самти ташкили инфрасохтори сайёҳӣ, пеш аз ҳама, бунёди меҳмонхонаҳо ва баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ҳарчи бештар гардад.

Соли гузашта барои тамошои табиати зебо ва ошноӣ пайдо кардан бо расму ойин ва анъанаҳои мардумӣ ба ноҳия қариб панҷ ҳазор нафар сайёҳ, аз ҷумла беш аз якуним ҳазор сайёҳони хориҷӣ омадаанд, ки дар муқоиса бо соли 2017 хеле зиёд мебошад.

**Ҳамдиёрони азиз!**

Тавре таҳлилҳо нишон медиҳанд, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва қонун "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд", бешубҳа, барои ғанӣ гардидани буҷети оилаҳо, беҳтар шудани вазъи моддии хонаводаҳо ва таълиму тарбияи насли наврас таъсири мусбат гузошта истодааст.

Ҳарчанд ки қонунҳои зикршуда, пеш аз ҳама, ба хотири ҳимояи манфиатҳои мардум, беҳтар гардидани вазъи оилаҳо ва таъмин намудани суботи оромӣ дар ҷомеа қабул шудаанд, лекин то имрӯз ҳолатҳои зиёдаравӣ, исрофкорӣ ва зоҳирпарастиву намоишкорӣ ба назар мерасанд.

Аз ин лиҳоз, роҳбарони ноҳия, комиссияҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд ҷиҳати пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва иҷрои ҳатмии талаботи қонунҳои миллӣ чораҳои саривақтӣ андешида, назоратро боз ҳам пурзӯр намоянд.

Бояд зикр кард, ки барои пешрафти бахшҳои гуногуни ҳаёти кишварамон садҳо нафар фарзандони ноҳияи Сангвор саҳми ватандӯстона гузоштаанд, ки имрӯз корномаи онҳоро афроди ватандӯст ва бонангу номуси ноҳия идома бахшида, барои пешрафти Ватани маҳбубамон содиқона хизмат карда истодаанд.

Аз ин хотир, вазифаи роҳбарону фаъолони ноҳия, раисони ҷамоату маҳаллаҳо, аҳли зиё ва шахсони обрӯманду таҷрибадор аз он иборат аст, ки минбаъд низ мардум ва хусусан, наврасону ҷавононро ба ҳисси баланди миллӣ, ифтихор аз давлату миллат, таҳкими сулҳу субот, риояи қонуну тартиботи ҳуқуқӣ, корҳои созандаву ободгарона ва сарфаю сариштакорӣ ҳидоят намуда, ба иҷрои амалҳои неки инсонӣ, аз ҷумла дастгирии ятимону маъюбон, оилаҳои камбизоат ва тарбияи дурусти фарзандон роҳнамоӣ кунанд.

Бо дарназардошти вазъи ноором ва ниҳоят мураккаби ҷаҳони муосир ҳар яки мо бояд мавқеи устувори шаҳрвандӣ дошта бошем, ба шукронаи соҳибдавлативу соҳибватанӣ манфиатҳои милливу давлатиамонро ҳамеша ҳимоя кунем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳкиму тақвият бахшем.

Сол ба сол беҳтар шудани сатҳи зиндагии мардум ва болоравии масъулияти ватандориву ватансозии сокинон бори дигар эътимоди моро қавӣ месозад, ки танҳо бо ваҳдату ҳамбастагӣ ва заҳмати созандаву содиқона ба рӯзҳои аз ин ҳам нек хоҳем расид.

Дар ин раванд, зарур аст, ки ба масъалаи сохтмони иншоот ба истиқболи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон пешбинигардида, хусусан, дар самти бунёди иншооти иҷтимоӣ, коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ, марказҳои тиҷорату хизматрасонӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ муносибати ҷиддӣ зоҳир карда шавад.

Бовар дорам, ки сокинони сарбаланди ноҳияи Сангвор тавассути заҳмати аҳлонаву содиқона барои иҷрои нақшаву ҳадафҳои неку созанда, ободу зебо намудани ноҳияи хушманзараи худ ва истиқболи шоистаи ҷашни бузурги сисолагии истиқлолияти давлатӣ дар оянда низ саҳми арзишманди хешро дареғ намедоранд.

Ҳамаи шумо, ҳозирини арҷманд ва тамоми сокинони меҳмоннавозу матинироди ноҳияи Сангворро бори дигар ба ифтихори Рӯзи Ваҳдати миллӣ табрик гуфта, барорҳо барори кор ва тамоми хушиҳои зиндагиро орзумандам.

**Саломату сарбаланд бошед, ҳамватанони азиз!**

# Ҷараёни корҳои ободониву созандагӣ

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо сокинони ноҳияи Нуробод

**Ҳамватанони азиз!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Боиси ифтихору сарбаландии ҳар яки мост, ки кишвари азизамон ба шарофати Истиқлолияти давлатӣ ва сулҳу суботи комил ба марҳалаи рушди устувор ворид гардида, ҳоло барои зиндагии орому осуда ва заҳмати созандаи сокинони мамлакат, инчунин, баргузор намудани ҷашнҳои милливу давлатӣ ва чорабиниҳои сиёсиву фарҳангӣ шароити мусоид фароҳам омадааст.

Ҷашни Ваҳдати миллӣ низ, ки рӯзи 27-уми июн таҷлил мегардад, дар радифи санаҳои хеле муҳиму таърихии даврони соҳибистиқлолии кишварамон қарор дорад.

Бо истифода аз фурсат, сокинони ватандӯсту заҳматпешаи ноҳияи Нуробод ва ҳамаи шумо, ҳозирини гиромиро ба ифтихори ин ҷашн самимона табрик гуфта, ба ҳар яки шумо хонаи обод ва тамоми хушиҳои зиндагиро орзу менамоям.

Мардуми ноҳияи Нуробод бисёр меҳмоннавозу заҳматписанд мебошанд ва мо имрӯз натиҷаи азму иродаи қавӣ ва саъю талоши онҳоро ба хотири рушди устувори ноҳия ва кишвари маҳбубамон бараъло мушоҳида кардем. То назди шумо омадан мо бо ҷараёни корҳои ободониву созандагӣ ва фаъолияти муассисаҳои иҷтимоиву хизматрасонии ноҳия шинос шуда, дар маросими ба истифода супоридани якчанд иншооти нав иштирок кардем.

Нуробод аз ҷумлаи ноҳияҳои навбунёде мебошад, ки аз баракати Истиқлолияти давлатӣ ва таваҷҷуҳи доимии Ҳукумати мамлакат, инчунин, заҳмати ватандӯстонаи сокинонаш қомат афрохта, имрӯз ба як ноҳияи зебои замонавӣ табдил ёфтааст.

Ҳукумати кишвар ҳанӯз аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба пешрафти ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон, аз ҷумла ноҳияи Нуробод аҳамияти хосса зоҳир намуда, барои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва обод гардонидани он аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ қариб 1,1 миллиард сомонӣ, аз ҷумла танҳо дар се соли охир 225 миллион сомонӣ равона кардааст.

Дар баробари ин, хотирнишон месозам, ки дар ноҳия захираву имкониятҳои истифоданашуда барои боз ҳам афзоиш додани даромади буҷети маҳаллӣ ва ободии аз ин бештар ҳанӯз зиёданд. Бинобар ин, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Нурободро зарур аст, ки якҷо бо кумитаҳои рушди маҳал, рушди сайёҳӣ ва дигар вазорату идораҳо ҷиҳати истифодаи пурраи иқтидорҳои мавҷуда ва роҳҳои таъмин намудани пешрафти соҳаҳои истеҳсоливу хизматрасонӣ, аз ҷумла сайёҳӣ чораҷӯӣ намоянд.

Ҳамчунин, бо мақсади ҳалли масъалаҳои вобаста ба қисми даромади буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Нурободро зарур аст, ки якҷо бо дигар сохтору мақомоти марбута ҷиҳати вокеъбинона ба нақша гирифтани буҷети маҳаллӣ, афзоиш додани даромади он, пешгирӣ кардани ҳолатҳои истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои буҷетӣ ва таъмини шаффофияти хароҷоти маблағҳо мунтазам чораҷӯӣ намоянд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ дар қаламрави ноҳия ба маблағи умумии 509 миллион сомонӣ 12 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ, аз ҷумла лоиҳаи барқарорсозии баъдиҷангӣ амалӣ шуда, ҳоло татбиқи се лоиҳаи дигар идома дорад. Дар доираи лоиҳаҳои амалкунанда биноҳои 8 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии деҳаҳои Яхч, Сабзиқадам ва Ҳасандара сохта, бо ашёву таҷҳизоти мактабӣ муҷаҳҳаз гардонида шуданд.

Илова ба корҳое, ки то имрӯз анҷом дода шудаанд, роҳбарони ноҳия, Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва дигар вазорату идораҳоро зарур аст, ки ҷиҳати таъсис додани корхонаву коргоҳҳои нави истеҳсолӣ, ба шумули корхонаҳои коркарди маҳсулот, бо сифати баланд амалӣ гардидани лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ, дастгирии соҳибкорӣ ва ҷалби бештар ҷалб намудани сармояи дохиливу хориҷӣ тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Бо мақсади дастгирии соҳибкорӣ ва афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти саноативу кишоварзӣ дар муддати 15 соли охир ба соҳибкорон ва сокинони ноҳия зиёда аз 85 миллион сомонӣ қарз дода шудааст, ки беш аз 9 миллиони он ба се соли охир рост меояд.

То оғози апрели соли 2019 дар ноҳия 1080 субъекти соҳибкории фаъолияткунанда ба қайд гирифта шудааст. Тибқи маълумоти Бонки миллӣ то 1-уми марти соли 2019 аз ҷониби бонкҳои давлатӣ, тиҷоратӣ ва ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ ба соҳибкорони ноҳия ҳамагӣ 620 ҳазор сомонӣ қарз дода шудааст. Инчунин, аз ҳисоби Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз ба субъектҳои соҳибкории ноҳияи Нуробод ба маблағи 1 миллиону 550 ҳазор сомонӣ қарзҳои имтиёзноки давлатӣ дода шудаанд.

Таъкид месозам, ки маблағҳои зикршуда ночиз мебошанд ва барои пешбурди фаъолияти соҳибкории ноҳия кифоя нестанд. Бинобар ин, зарур аст, ки ба масъалаи пешниҳоди қарз ба соҳибкорони истеҳсолӣ эътибори ҷиддӣ дода шавад, зеро аз таҳлилҳо бармеояд, ки дар давраи зикршуда аз ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда ҳиссаи қарз ба соҳибкорони ноҳия 34 фоиз ва дар семоҳаи якуми соли 2019 ҳамагӣ 14 фоизро ташкил додааст, ки ин нишондиҳанда дар муқоиса бо дигар шаҳру ноҳияҳои мамлакат бамаротиб кам мебошад.

Ҳалли ин масъалаи муҳим, яъне афзоиш додани ҳаҷми қарз ба соҳибкорони ноҳия ва таъмин намудани дастрасии онҳо ба воситаҳои молиявӣ вазифаи бевоситаи Бонки миллӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия мебошад.

Ҳоло Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳия барои солҳои 2018-2020 амалӣ шуда истодааст, ки дар доираи он татбиқи 202 лоиҳа бо арзиши умумии 182 миллион сомонӣ пешбинӣ гардидааст. Вале суръат ва сифати амалӣ шудани лоиҳаҳо то ҳанӯз қонеъкунанда нест.

Ҳамзамон бо ин, аз 248 лоиҳаи ба истиқболи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ пешбинишуда то имрӯз 93 лоиҳа мавриди истифода қарор гирифтааст, ки нокифоя буда, дар ин ҷода низ андешидани тадбирҳои иловагӣ зарур мебошад.

Бинобар ин, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо, сармоягузорону соҳибкорон ва аҳолӣ ҷиҳати босифат амалӣ гардидани барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳия ва нақшаи ободониву бунёдкории ба ифтихори 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ таҳияшуда чораҷӯӣ намоянд.

Дар ин раванд, назорати ҷараёни корҳои сохтмони иншооти бунёдшаванда, сифати масолеҳи сохтмон, риояи меъёрҳои муосири меъморӣ, инчунин, ба нақшаи генералии ноҳия мутобиқат кардани онҳо ҷиддӣ ба роҳ монда шавад.

Дар ноҳия бо дарназардошти имконияту захираҳои зиёд, аз ҷумла ашёи хоми маҳаллӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ бояд доир ба бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ тадбирҳои ҷиддӣ андешида шаванд.

Аммо тайи ду соли охир ҳамагӣ як корхонаи коркарди шир ва корхонаи хурди парандапарварӣ сохта, ба истифода дода шудааст, ки барои ноҳияи Нуробод бо имконоти фаровони он кофӣ нест. Илова бар ин, масъалаҳои вобаста ба рушди сайёҳӣ, гулдӯзиву адрасбофӣ ва дигар ҳунарҳои мардумиву косибӣ аз роҳбарон ва масъулони ноҳия андешидани тадбирҳои заруриро тақозо менамояд.

Дар ин бобат, таъкид месозам, ки иҷрои нақшаҳои тасдиқшуда ва таъмин намудани пешрафти ҳамаи соҳаву бахшҳо аз қобилияти ташкилотчигиву ҳисси баланди масъулиятшиносии роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, дигар шахсони масъул ва фаъолон вобаста мебошад.

Бори дигар хотирнишон менамоям, ки ноҳияи Нуробод дорои захираҳои фаровони ашёи хом, махсусан, маҳсулоти кишоварзӣ буда, тавассути бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ ташкили ҳазорҳо ҷойи нави корӣ, зиёд кардани содироти маҳсулоти ватанӣ ва афзоиши даромади аҳолиро таъмин кардан мумкин аст.

Дар иртибот ба ин, Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Нуробод ва роҳбарони корхонаҳои истеҳсолӣ бояд бо истифода аз захираву имкониятҳои мавҷуда ҷиҳати таъсис додани корхонаву коргоҳҳои нави истеҳсолӣ ва таъмини фаъолияти мунтазами онҳо тадбирҳои мушаххас андешанд.

Соли 2018 ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ноҳия ба 188 миллион сомонӣ расонида шуда, дар се соли охир ду баробар афзоиш ёфтааст. Бо вуҷуди ин, имкониятҳои ноҳия дар ин самт ҳоло ҳам ба тарзи кофӣ истифода нашудаанд.

Бинобар ин, зарур аст, ки масъулон ба масъалаи истифодаи самараноки ҳамаи имконияту захираҳо, пеш аз ҳама, дар самти баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо, истифодаи тухмиҳои хушсифат, беҳсозии ҳолати мелиоративии заминҳо, парвариши картошка, зиёд намудани майдони боғҳо, алалхусус, боғҳои интенсивӣ, бунёди инфрасохтори зарурии нигоҳдорӣ, бастубанд ва содироти меваю сабзавот, инчунин, занбӯриасалпарварӣ ва чорводорӣ эътибори аввалиндараҷа диҳанд.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Барои беҳтар намудани шароити таълиму тарбия ва хизматрасониҳои тиббӣ аз ҷониби давлату Ҳукумати мамлакат дар ноҳияҳои дурдаст, аз ҷумла Нуробод тадбирҳои судманд амалӣ карда мешаванд.

Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ дар ноҳияи Нуробод аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ 60 бинои асосӣ ва биноҳои иловагии муассисаҳои таълимӣ барои қариб 15000 ҷойи нишаст азнавсозӣ гардида, айни ҳол сохтмон ва азнавсозии 8 бинои нави таълимӣ барои 2000 ҷойи нишаст идома дорад.

Дар баробари ин, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия бояд якҷо бо Вазорати маориф ва илм ба масъалаи бунёди муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла хусусӣ, муассисаҳои томактабӣ ва таъмини мактабҳо бо асбобу лавозимоти хониш чораҷӯӣ намоянд.

Ҳамчунин, роҳбарони ноҳия ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ доир ба бунёду азнавсозии муассисаҳои тандурустӣ, таъмин намудани беморхонаи марказии ноҳия ва бунгоҳҳои тиббии деҳот бо таҷҳизоти замонавии тиббӣ ва таъмин намудани муассисаҳои тиббӣ бо мутахассисони соҳа тадбирҳои амалӣ андешанд.

Бояд гуфт, ки то ҳол дар фаъолияти баъзе ташкилоту муассисаҳо ва шахсони воқеиву ҳуқуқӣ дар самти иҷрои қонунгузории андоз камбудиву қонуншиканиҳое ҷой доранд, ки ба рушди соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодии ноҳия таъсири манфӣ мерасонанд.

Инчунин, таҳлили сатҳи ҷинояткорӣ дар ноҳия нишон медиҳад, ки баъзе намудҳои ҷинояткорӣ тамоюли афзоиш дорад ва чунин вазъ аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, падару модарон ва аҳли ҷомеа пурзӯр намудани корҳои фаҳмондадиҳиву тарбиявиро талаб менамояд.

Дар давоми чанд соли охир дар задухӯрдҳои давлатҳои хориҷӣ аз ҳисоби сокинони ноҳияи Нуробод 68 нафар иштирок намудаанд ва соли 2018 ҳамагӣ се нафари онҳо ба Ватан баргардонида шудаанд.

Зарур аст, ки барои баргардонидани ҳамаи онҳо аз тамоми имкониятҳо истифода карда шавад. Яъне кӯшиши бештар ба харҷ додан лозим аст, ки натанҳо чунин шаҳрвандони гумроҳшуда, балки дигар афроде, ки дар кишварҳои хориҷӣ ба таҳсили ғайриқонунии динӣ фаро гирифта шудаанд, ба зодгоҳи худ баргардонида шаванд.

Ноҳияи Нуробод дар масъалаи ҳолатҳои фавқулода аз ҷумлаи мавзеъҳои осебпазир буда, офатҳои табиӣ ҳамасола ба соҳаҳои гуногун ва аҳолӣ хисорoти зиёд мерасонанд. Бинобар ин, Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ, Вазорати молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияро зарур аст, ки бо мақсади пешгирии ҳолатҳои фавқулода ва тақвияти корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар ҳамаи минтақаҳои хавфноки ноҳия чораҷӯӣ намоянд.

Ҳамчунин, Вазорати энергетика ва захираҳои об, ширкати “Барқи Тоҷик”, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия бояд дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати бартараф намудани мушкилоти мавҷудаи соҳа, аз ҷумла кашидани хатҳои интиқоли барқ ба маҳаллаҳои нави аҳолинишин суръат бахшанд.

**Ҳамдиёрони гиромӣ!**

Ҳамаи шумо аз вазъи бисёр ноороми ҷаҳони муосир хуб огоҳ мебошед. Дар чунин шароит мову шумо вазифадорем, ки ба шукронаи соҳибихтиёрии давлату миллатамон ҳамеша сарҷамъу муттаҳид бошем, ба хотири ободии Ватани маҳбубамон – Тоҷикистон боз ҳам бештар ва аҳлона заҳмат кашем, ба тарбияи дурусти фарзандон – соҳибони ояндаи кишвар ва дар рӯҳияи ифтихори миллӣ ва ватандӯстиву ватанпарварӣ тарбия кардани онҳо эътибори аввалиндараҷа диҳем.

Бо қаноатмандӣ изҳор медорам, ки заминаи асосии пешрафту дастовардҳои ноҳияи Нуробод ба туфайли Истиқлолияти давлатӣ, сулҳу субот, Ваҳдати миллӣ ва бо заҳмати софдилонаи сокинони ин гӯшаи биҳиштосои кишварамон муяссар гардидааст.

Итминони комил дорам, ки мардуми заҳматкаши ноҳияи Нуробод дар оянда низ бо ҳисси баланди ватандӯстӣ ва шукргузорӣ аз рӯзгори орому осуда барои боз ҳам вусъат бахшидани корҳои созандагиву ободонӣ саъю талоши бештар хоҳанд кард, зеро ҳадафи ниҳоии ҳар яки мо ободу зебо гардонидани ҳамаи шаҳру ноҳияҳои мамлакат, дар навбати аввал ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон ва ба як кишвари пешрафта табдил додани Ватани азизамон мебошад.

Бо чунин ниятҳои нек ҳамаи шумо — ҳозирини арҷманд ва тамоми сокинони меҳмоннавози ноҳияи Нурободро ба муносибати Рӯзи Ваҳдати миллӣ табрик гуфта, ба ҳар яки шумо тансиҳативу сарбаландӣ ва барори кору муваффақият орзу менамоям.

**Саломату сарбаланд бошед!**

# Ваҳдат - падидаи пурарзиши таърихӣ



## Табрикоти Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатзода Нусратулло Муқим ба муносибати Рӯзи Ваҳдати миллӣ

**Рӯзи Ваҳдати миллиро, ки барои миллати сарбаланду сулҳпарварамон падидаи нодиру пурарзиши таърихӣ маҳсуб меёбад, ба шумо, ҳамкорони азиз, табрик гуфта, ба хонадони ҳар кадоми шумо хушбахтӣ орзу менамоям.**

Инак, аз лаҳзаи имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон 22 сол пур шуд. 27 июни соли 1997 бо имзо шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон сулҳу суботи сартосарӣ фароҳам омад ва ин рӯйдоди бузург ба марҳалаи созандагиву бунёдкориҳои азим дар сарзамини аҷдодиамон оғоз бахшид.

Бояд таъкид кард, ки музаффариятҳои Тоҷикистон дар даврони баъди баргузории Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба имрӯз бо номи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон алоқамандии ногусастанӣ дорад.

Асоситарин дастоварди давлат ва халқи Тоҷикистон таҳти роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон ин аст, ки бо тадбир ва талошҳои пайгиронаи Пешвои миллат давлатдории миллати тоҷикон аз вартаи нобудӣ наҷот ёфт. Талошҳои Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Сарвари давлат боис гашт, ки тамомияти арзии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ягонаи мустақил ҳифз карда шавад.

Дар ин робита, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид кардаанд: ***"Бо итминони комил ва бо ифтихор изҳор медорам, ки Ваҳдати миллӣ самараи талошҳои ватандӯстонаи хурду бузурги давлати тозабунёдамон ва хизмати таърихии халқи Тоҷикистон мебошад ва маҳз ба ҳамин хотир, мо вазифадорем, ки ин неъмати бебаҳоро мисли гавҳараки чашм азизу гиромӣ дорем ва ҳифзу нигаҳдорӣ намоем".***

Бо шарофати сулҳу субот ва ваҳдат мо тавонистем дар баробари эҳёи давлатдории тоҷикон, таъмини рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон, нуфузу эътибори онро дар арсаи байналмилалӣ ба сатҳи баланд бардорем.



Мақомоти андози мамлакат ҳам, ки дар давраи соҳибистиқлолии Ватанамон таъсис ёфта, қадамҳои аввалиншаро гузошт, батадриҷ дар шароити сулҳу субот ба яке аз сохторҳои неруманди давлатӣ табдил гардид, ки ин дастовард, бешак, меваи айёми Ваҳдат ва Истиқлолият аст.

Мақомоти андоз бо мақсади бо истифода аз технологияҳои ҳозиразамони иттилоотӣ дар сатҳи зарурӣ ташкил кардан ва беҳтар намудани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ, дуруст ҳисоб ва пардохт кардани андозҳо ва дар сатҳи муосир анҷом додани коркарди маълумот пайваста чораҷӯӣ намуда истодаанд. Аз ҷумла, бо дарназардошти такмил ёфтани модулҳои электронӣ ва ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ намудани онҳо солҳои охир номгӯи хизматрасониҳое, ки Кумитаи андоз ба андозсупорандагон ва шаҳрвандон пешниҳод карда истодааст, ба 36 адад расонида шуд.

Бояд гуфт, ки бахши хусусӣ, аз ҷумла соҳибкорӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати иқтисодии давлат ба шумор меравад. Чуноне ки ба назар мерасад, Ҳукумати мамлакат ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ пайваста тадбирҳои судманд меандешад. Бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ, воқеан, барои ташаккули табақаи миёнаи аҳолӣ ва бештар гардидани шумораи он заминаи мусоид фароҳам оварда, дар маҷмӯъ, тараққиёти босуботи иқтисоди кишварро таъмин менамояд.

Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ мо бояд тибқи дастуру роҳнамоиҳои Сардори давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахши хусусӣ, соҳибкории хурду миёна, бахусус соҳибкории истеҳсолиро ҳамаҷониба дастгирӣ карда, ҷиҳати ҷалби сармоя дар ин самт тадбирҳои иловагиро амалӣ намоем. Ҳангоми адои вазифаҳои хизматӣ ва хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон қонунгузории ҷорӣ ва одоби муоширатро қатъан риоя кунем.

Аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии мамлакат пешниҳод шуд, ки бо мақсади дастгирии минбаъдаи соҳибкорон дар кишварамон "300 рӯзи ислоҳот оид ба дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ" амалӣ карда шавад. Вобаста ба ин, моро зарур аст, ки самтҳои фаъолияти соҳаро оид ба бештар ва сифатноктар ба роҳ мондани корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ ва хизматрасонӣ ба субъектҳои хоҷагидор тақвият бахшем ва иҷрои пурраи супоришҳои Сардори давлатро дар доираи ваколатҳои худ таъмин намоем.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олӣ пешниҳод карданд, ки солҳои 2019-2021 "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" эълон карда шаванд. Чуноне ки дар Паём зикр шудааст, мақсад аз ин, ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, бунёду таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ, ба талаботи муосир мутобиқ сохтани сатҳи хизматрасонӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии мардум мебошад.

Дар самти робитаҳои байналмилалӣ ҳамкориҳои мақомоти андози Тоҷикистон бо мақомоти андози давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар доираи фаъолияти Шӯрои ҳамоҳангсозии роҳбарони мақомоти андози давлатҳои аъзои ИДМ сол аз сол рушд ёфта, нақши Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти он назаррас мегардад. Дар пойтахти мамлакатамон – шаҳри Душанбе барпо шудани Ҷаласаи 25 –уми Шӯрои мазкур (24 августи соли 2018), ки дар он масъалаи "Маъмурикунонии андоз дар давраи иқтисоди рақамӣ" мавриди баррасӣ қарор гирифт, гувоҳи баланд шудани эътибори мақомоти андози кишварамон дар арсаи байналмилалӣ мебошад.

Мехоҳам махсус қайд намоям, ки новобаста аз корҳои анҷомдода дар самти беҳтар намудани маъмурикунонии андоз, гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ ва дигар самтҳои фаъолияти мақомоти андоз, мутаассифона, чораҳои андешидашуда кифоя нестанд. Ин аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯзи 10 майи соли 2019 дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар нисбати мақомоти андоз эродҳои ҷиддӣ баён доштанд.

Аз ин рӯ, бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ин вохӯрӣ баён доштанд, ба ҳамаи кормандони мақомоти андоз бори дигар таъкид менамоям, ки ҷиҳати беҳтар кардани маъмурикунонии андоз, бештар ва самарабахштар намудани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ миёни шаҳрвандон, беҳтар намудани сатҳу сифати корҳои назоратӣ, ҷорӣ кардани технологияҳои ҳозиразамони иттилоотӣ, таъмини риояи муқаррароти қонунгузорӣ дар бораи хизмати давлатӣ, аз ҷумла муқаррароти Кодекси одоби хизматчии давлатӣ, Кодекси одоби касбии корманди мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор, чораҳои мушаххасу иловагӣ андешанд.

Андешаи миллатсозии ваҳдат ҳамон вақт самараи дилхоҳ меорад, ки мафҳуму моҳияти ватану ватандорӣ, қадру манзалати Истиқлолияти далатӣ, худшиносиву ҳувияти миллӣ ва арзишҳои волои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар дилу шуури ҳар як сокини мамлакат ҷой гирад. Ҳақ бар ҷониби Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки гуфтаанд: ***"Имрӯз ҷавҳари асосӣ ва моҳияти Истиқлолият бояд маҳз Ваҳдати миллӣ бошад, зеро истиқлолро бе ваҳдат ва Ваҳдати миллиро бе Истиқлолияти комил тасаввур кардан имкон надорад".***

Танҳо Ваҳдати миллӣ ва Истиқлолияти давлатӣ асоси оромиву осудагии халқ, кафолати инкишофи давлат ва рушди ҳамаҷонибаи ҷомеа буда метавонад. Умуман, агар ҳар яки мо дар рушду таҳкими Истиқлолу Ваҳдат ва дигар арзишҳои муқаддаси миллиамон сидқан саҳм гузошта, дар атрофи давлати миллӣ муттаҳид шавем, пас метавон гуфт, ки чун миллати воҳид бо асолату фарҳанг ва симои хоси худ миёни давлатҳои мутамаддину мутараққии ҷаҳон мавқеи сазоворро пайдо хоҳем кард.

**Иди Ваҳдати миллӣ муборак!**

# Баракати Ваҳдат

**Дар арафаи ҷашни Рӯзи Ваҳдати миллӣ вохӯрии мо бо андозсупорандаи беҳтарин, раиси хоҷагии кооперативи тиҷоратии ба номи Авввалмурод Кенҷаеви шаҳри Ваҳдат Муродалӣ Маҳмадалиев дар Нозироти андоз дар шаҳри Ваҳдат ба вуқӯъ пайвасту атрофи мавзӯъҳои кишоварзӣ ва пардохти андозҳо ҳамсуҳбат гардидем.**

- Ҳар сари чанд вақт бе таклиф ба меҳмонии мақомоти ҳудудии андоз омадан бароям одат шудааст, - мегӯяд М. Маҳмадалиев. - Зеро ҳарчанд ҳисоботи муҳосибии хоҷагиро пайваста санҷидаю назорат мекунам, аз онҳо ҳармоҳа пардохти андозҳоро мепурсам, вале бо вуҷуди ин, ҳамеша дар ташвишам. Дар ташвишам, ки мабодо муҳосибон дар пардохти маблағи андозҳо ба саҳлангорӣ роҳ диҳанду пахлуи номи хоҷагӣ маблағи қарз пайдо гардад. Дигаронро намедонам, вале барои ман қарз чун душмани ҷон аст. Чунки аз қарз файзу баракати хонадон мепарад.

Аз таҷрибаи кориам нағз медонам, ки агар рафту хоҷагӣ дар назди буҷет қарздор монад, хоҳу нохоҳ файзу баракат аз кору пайкорамон дур мегардад. Дар кӯтоҳтарин мӯҳлат муфлис мешавему сару калобаи корро гум мекунем. Зеро барқарорсозии он корест басо мушкил. Ростӣ аз кору фаъолияти сармусоҳиби хоҷагӣ дилпурам, вале аз чи бошад то ба мақомоти андоз омада, вазъи молиявии хоҷагиро бо чашми сар набинаму ба гӯши худ нашунавам, дилам қарор намегирад. Ҳаминаш ба ман писанд аст, ки мақомоти андоз ҳамеша ба мо дасти ёрӣ дароз мекунад, агар камбудие ва ё норасоие дар фаъолияти хоҷагии мо ҷой дошта бошад, ҳатман моро огоҳ месозад ва мо аз пайи ислоҳаш мешавем, - иброз намуд Муродалӣ Маҳмадалиев.

- Дар ҳақиқат, хоҷагии раисбобо дар шаҳри Ваҳдат аз ҳар ҷиҳат намунаи ибрат аст. Ягона андозсупорандаест, ки пардохти сариваҳтии андозҳоро барои худ ҳам фарз медонаду ҳам қарз. Хоҷагӣ дар тамоми давраи фаъолияти худ боре ҳам дар назди буҷа қарздор намондааст, - ба суҳбат ҳамроҳ гардид, сардори нозироти андози шаҳр Ш. Собирзода.

Дар рафти суҳбат аз раиси хоҷагӣ хоҳиш намудем, ки чанде аз хотираҳои хешро оид ба Рӯзи Ваҳдати миллӣ иброз намояд. Ӯ лаҳзае ба андеша фуру рафту қиёфааш намуди ҷиддӣ гирифт. Аз чеҳраи ӯ, ки китоби пур аз ҳаводисро мемонд, аён буд, ки ин лаҳза раис ким кадом як ҳодисаи гузаштаро ба хотир меораду атрофи он мехоҳад андешаҳояшро баён созад. Ҳамин буд, ки пас аз лаҳзае хомӯшӣ, лаб ба сухан кушод: Бале, ин сана воқеан ҳам таърихӣ ва барои мардуми тоҷик бисёр падидаи нодир аст, зеро барои ҳама равшан аст, ки давлати ҷавону соҳибистиқлоли моро аз хатари нобудӣ ва миллати соҳибтамаддунро аз парокандагӣ маҳз ҳамин Ваҳдати миллӣ раҳо намуд ва асоси раванди барқарорсозии харобиҳои ҷангӣ дохиливу созандагии Ватани азизамон гардид.

Пешвои миллат ҳамаро ба ҷавонмардӣ даъват намуда, савганд ёд кард, ки тамоми ҳастияшро ба осоиши Ватану миллат мебахшад ва имрӯз ҳамагон шоҳидем, ки ӯ ба ваъдааш вафо намуд. Чунин зиндагии хушу гуворо, осоишу оромӣ ва миёни мамолики мутараққии дунё шуҳратёр гардидани Тоҷикистон маҳз аз шарофати сиёсати хирадмандонаи Роҳбари давлат аст.

Раис бо шукргузорӣ аз ваҳдату ягонагӣ иброз намуд, ки мардуми хоҷагии онҳо маҳз аз файзу баракати Ваҳдати миллӣ зиндагии шоиставу ибратомӯзе доранд, ки онро тавассути меҳнати садоқатмандона ба даст овардаанд. Хоҷагӣ чандин сол аст, ки ба оилаҳои яккаву танҳо, оилаҳои бесаробон ва серфарзанд пайваста кӯмаки молиявӣ мерасонад. Ҳамзамон, барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва навхонадорон яквақта ва ҳармоҳа маблағ ҷудо намудааст, ки он ҳам кӯмаке дар зиндагии онҳо хоҳад шуд.

**Муҳаммадӣ ТАБАРЗОДА**

**Боиси ифтихор аст, ки имрӯзҳо мардуми шарафманди Тоҷикистон дар фазои сулҳу субот 22-солагии Рӯзи Ваҳдати миллиро ҷашн мегиранд. Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ, пеш аз ҳама, дар натиҷаи кӯшишу заҳматҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба имзо расида, ба ваҳдату ягонагии мардуми кишварамон заминаи мустаҳкам ва боэътимод гузошт.**

**Инак, андешаи сокинони вилояти Суғд дар бораи аҳамият ва нақши Ваҳдат дар пешрафти Тоҷикистон:**

# Ваҳдат - омили шукуфоии давлат

**Муҳиддини Хоҷазод, нависандаи халқии Тоҷикистон:**

- Ҳоло аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ 22 сол пур мешавад. Аксаран, ҳар яки мо шоҳиди он рӯзҳои мудҳиш ҳастем. Ҳайратзада будем, ки як халқу як миллат гиребонгири ҳам шуданд.

Хушбахтона, дар ҳамин давра фарзанди нобиғаи миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сари кор омаданду «Ман ба халқ сулҳ меоварам» гуфтанд. Дар он шароит амалӣ шудани ин кор хеле душвор буд. Рӯзгори мо ободу беҳтар шуд. Ин миллат бо сарварии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Неругоҳи барқи обии Роғунро сохт.

Рӯзи Ваҳдати миллӣ ва Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол ботантана таҷлил мегарданд. Истиқлолият ва Ваҳдат ба ҳам тавъам ҳастанд. Истиқлолияту Ваҳдат ин роҳи дастовардҳо ва муваффақиятҳои мост, ки саркардаи ин корҳои созандагӣ ва бунёдкории Ватани азизамон Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд.

**Ваҳҳоб Набиев, профессор, муаллифи китоби «Ваҳдат-ганҷи ҷовидони миллат»:**

- Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ, дар ҳақиқат, гавҳари ноёб аст. Баъди ба даст омадани сулҳу субот дар Тоҷикистон бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин рӯзи саид барои мо ҳамчун Рӯзи Ваҳдати миллӣ қабул гардид. Ман аз ҳамон солҳо то ба имрӯз асарҳои гуногунеро дар ин мавзӯъ таълиф кардам. Ба чунин хулоса омадам, ки як китоби мушаххас таълиф созам, то ки шахрвандон аз он давра то имрӯз, аз ба даст овардани сулҳ то дастовардҳои минбаъдаи Ваҳдати миллӣ бархурдор шаванд. Ҳамин тавр, китоби «Ваҳдат-ганҷи ҷовидони миллат» таълиф ёфт. Дар ин китоб ман, пеш аз ҳама, ба он такя кардам, ки худ шоҳиди он воқеаҳо будам. Муҳтавои ин китоб дар бораи хизматҳои шоёни Сарвари давлати Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ба даст овардани Ваҳдати миллӣ нақл мекунад. Мо кӯшиш намудем, ки дар ин китоб усулҳои расидан ба Ваҳдати миллӣ ва таҳкими минбаъдаи онро нишон диҳем. Аз он ҷумла, бо ташаббуси Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҳаракати ҷамъиятии Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон таъсис ёфт, ки имрӯз даҳҳо ҳазор нафар узв дорад ва дар ҳаёти ҷамъиятии мо хеле фаъол аст. Дар таҳкими сулҳ ва Ваҳдати миллӣ он мавқеи сазовор дорад.

**Ҳоҷӣ Ҳусайн Мӯсозода, сарҳатиби вилояти Суғд, муовини Раиси Маркази исломии Тоҷикистон:**

- Мо шукр мекунем, ки имрӯз Тоҷикистон ором аст. Халқи Тоҷикистон роҳбари Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарҷамъ аст. Аслан, маънои Ваҳдат ягонагӣ, муттаҳидӣ, сарҷамъӣ аст. Шукр, ки Ваҳдати мо барпо шуд.

Таъкид месозам, ки нақши Сарвари давлатамон дар ором шудан ва сарҷамъии миллат бузург буда, хусусан барои ҳазорсолаи оянда миллати мо таъсири худашро дорад. Ҳар як инсон ба қадри имконияти худ бояд аҳамият ва қадри Ваҳдатро ба мардум баён кунад. Мо ба қадри имкон ончи аз дастамон меояд, бояд онро ба ному кори Ваҳдат амалӣ созем.

**Шавкатҷон Шарифов, таърихшинос, узви Шӯрои Ҳаракати ҷамъияти Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон дар вилояти Суғд:**

- Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар ҳақиқат, меъмори Ваҳдат ҳастанд. Дар таҳкими Ваҳдат рисолат ва нақши Ҳаракати ҷамъиятии Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон хеле бузург аст. Қайд бояд намоем, ки имсол ба таъсиси Ҳаракати ҷамъиятии Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон 20 сол пур мешавад. Таъсиси ин Ҳаракат, воқеан ҳам дар таҳкими Ваҳдат, таъмини сулҳу оромӣ, якдигарфаҳмӣ ва таблиғу ташвиқи ғояҳои Ваҳдат хизмати бузург мекунад. Дар ҳаёти Шӯрои ин Ҳаракат шахсони мӯътабар, ходимони намоёни давлатӣ, ҷамъиятӣ, донишмандон, олимон, шоирон, зиёиён, ходимони дин, собиқадорони меҳнат шомиланд, ки албатта сухани онҳо дар бораи Ваҳдат таъсирбахш аст.

**Толиб Карими Озарахш, шоир, сардабири маҷаллаи «Паёми Суғд»:**

- Сухани шоир бояд созанда ва баҳамоваранда бошад. Гумон мекунам, ки адабиёти классикӣ ва муосири мо барои насли имрӯзу ояндаи мо мероси овардаву гузоштааст, ки дарси бунёдкориву созандагиро аз он метавонем биомӯзем.

- Ман диёрамро дӯст медорам, ман шумоРо эҳтиром мекунам,-гуфтан, аллакай маънои Ваҳдатро дорад. Ваҳдат калимаи осмонист, ки дар замони мо заминӣ шуд. Ҳизмати Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки мардумеро, ки ба касрат рафта буданд, ба Ваҳдат оварданд. Имрӯз мо, албатта, шукри қисмат ва шукронаи Ваҳдат мекунем.

Ҳар сухане, ки ман бо андешаи шеър гуфтан гуфтаам, Ваҳдат аст. Агар модар, агар падар гуфтам, Ваҳдат аст. Ватан гуфтам, Ваҳдат аст. Ва гумон мекунам ин чанд соле, ки Тоҷикистони азизи мо, дар сояи давлати Ваҳдат зиндагӣ дорад «Ваҳдатнома»-ҳои зиёде барои адабиёти мо, барои насли мо ба миён омаданд ва дар гӯшаи ҳамон чанд шеъру тарона ва сурудҳое, ки мо навиштем ҷой хоҳанд гирифт:

*Ман ин ҷаннатзаминро дӯст медорам,*  
*Диёри нозанинро дӯст медорам.*  
*Дилам қурбони обу хоки ҷонбахшаш,*  
*Ба ҷон ин дилнишинро дӯст медорам.*  
*Раҳи ободу шаҳре, деҳаи обод,*  
*Навободи навинро дӯст медорам.*  
*Надидам дар ҷаҳон боде бад-ин хубӣ,*  
*Ки фирдавси баринро дӯст медорам.*  
*Ҳамон Хатлонаму Суғду Бадахшонам,*  
*Ки як рӯҳи матинро дӯст медорам.*  
*Зиҳӣ, эй Тоҷикистон, давлати Ваҳдат,*  
*Ман ин тоҷу нигинро дӯст медорам.*

**Иброҳимҷон Ҷабборов, декани факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд:**

- Дар ҳақиқат, дар таърихи ҳар як халқияту миллатҳое, ки давлати миллии худро бунёд мекунанд, санаҳои таърихӣ ва фаромӯшнопазир ҳастанд. Дар таърихи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол, агар яке аз ҳодисаҳои таърихии фаромӯшнопазир ба даст овардани Истиқлолияти комили давлатӣ ба шумор равад, дигаре баргузор гардидани Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сеюм ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ мебошад. Воқеан, бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ мо ба ормонҳои чандинасраи халқи тоҷик ноил гардидем. Бо баргузор гардидани Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеан барои ба даст овардани сулҳу ваҳдат як заминаи боэътимод гузошта шуд.

Рӯзи Ваҳдати миллиро барои кулли сокинони Тоҷикистони азизамон табрику таҳният гуфта, бароятон рӯзгори ободу осоишта таманно дорам.

**Иди Ваҳдат муборак!**

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА, вилояти Суғд**

# Неъмати бебаҳо

Ҳар гоҳе дар бораи Ваҳдати миллӣ биандешам, беихтиёр солҳои душворе, ки аз сари халқамон гузаштанд, ба ёд меоянд. Бале, душвор аст мустақилият ба даст оварданy ба сулҳу ваҳдат расидан. Ин неъматҳои бебаҳо барои халқи тоҷик бо гаронӣ муяссар шуд ва аз ин рӯ, истиқлолият ва ваҳдат бисёр азизу гиромианд.

Инак, боз фаро расид он рӯзи фирӯз. Ҳар яки мо хушҳолем ва дар ин баробар шукр мегӯем, ки соҳибдавлату соҳибватанем, Ватани азизу обод дорем. Дар ин радиф хизматҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бобати истиқрори сулҳ, танинандоз гаштани фазои осудаю ором, пойдор гардидани ваҳдат беҳамто ва фаромӯшнопазир аст.

Ваҳдати миллӣ, дар ҳақиқат, дастоварди бузургтарин ва воқеан таърихии тоҷикон аст, ки маҳз дар натиҷаи ҳамбастагии халқи мамлакат ва азму талоши фарзандони содиқи Ватан муяссар гардидааст. Мардуми тоҷик назди ҷаҳониён нишон дода тавонист, ки маданияти баланд ва соҳибхирад аст.

Ҳамватанони азизамро ба муносибати Рӯзи Ваҳдати миллӣ табрику таҳният гуфта, бароятон тамоми хушиву шириниҳои зиндагиро таманно мекунам.

**Ҳусноро МУМИНОВА, соҳибкор аз ноҳияи Рӯдакӣ**

# Ҳамкориҳои судманд

**Робитаҳои байналмилалӣ ва ҳамкориҳои мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақомоти андози кишварҳои хориҷӣ сол аз сол рушд меёбад. Имрӯз таҷрибаомӯзии кормандони мақомоти андози мамлакатамон дар давлатҳои мутараққии ҷаҳон, ки барои мукаммал шудани дониши тахассусӣ ва самаранок шудани фаъолияти минбаъдаи кормандони соҳа, инчунин ошноӣ пайдо кардан аз системаи мақомоти андози кишварҳои пешрафтаи дунё мусоидат мекунад, ба ҳукми анъана даромадааст.**

**Як гурӯҳ мутахассисони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар доираи татбиқи “Барномаи рушди маъмурикунонии андоз” дар Ҷумҳурии Корея қарор доштанд, ба Тоҷикистон баргаштанд.**

**Муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Нарзулло Маликзода аз таассуроти хеш дар ин сафар чунин мегӯяд:**



- Мақсад аз сафари гурӯҳи мутахассисони мақомоти андози кишварамон ба Ҷумҳурии Корея, асосан, аз омӯзиши таҷрибаи пешқадами мақомоти андози ин мамлакат дар самти беҳтар намудани маъмурикунонии андоз, ошноӣ бо усулҳои замонавии хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва технологияи муосири иттилоотӣ дар мақомоти андоз иборат буд.

Хадамоти миллии андози Ҷумҳурии Корея истифодаи васеи технологияҳои иттилоотиро дар маъмурикунонии андоз ҳанӯз аз соли 1997 оғоз намудааст. Ислоҳот дар соҳаи андоз, маъмулан, тибқи нақшаҳои 5–6-сола амалӣ мешавад.

Аз ҳама самти муҳими пешрафт дар қонунгузории андози Ҷумҳурии Корея Хадамоти миллии андоз мебошад. Яъне тамоми мақомоти давлатӣ ва бонкҳо уҳдадор мебошанд, ки маълумотро сари вақт ба Хадамоти миллии андоз пешниҳод намоянд. Айни ҳол тавассути барномаҳои компютерӣ ва шабакаҳои ягонаи иттилоотии байнисоҳавӣ ҳамаи маълумоти заруриро аз тамоми мақомоти давлатӣ ва бонкҳо дар шакли электронӣ дастрас менамоянд. Ин имконият медиҳад, ки эъломияҳои андозсупорандагон ба мақомоти андоз тариқи электронӣ ташаккул ёфта, ба махзани маълумот пешниҳод гардад. Ҳолати мазкур боис гардидааст, ки ҳамагуна назорати камералӣ, санҷишҳои амалиётӣ, хронометражӣ, ҳуҷҷатӣ ва дигар шаклҳои назорати андозӣ ба таври шаффоф гузаронида шавад.

Дастоварди асосие, ки Хадамоти миллии андози Корея ба он ноил гардидааст, бо дастгирии бонкҳо аз байн бардоштани гардиши пули нақд ба ҳисоб меравад. Тамоми нуқтаҳои савдо ва хизматрасонии Ҷумҳурии Корея (тарабхонаҳо, меҳмонхонаҳо, нақлиёт ва ғайра) барои бо кортҳои пластикии бонкӣ анҷом додани амалиётҳои харидуфурӯш, бо POS-терминалҳои бонкӣ маҷаҳҳаз буда, ин POS-терминалҳо дар баробари хизматрасонӣ бо кортҳои пластикӣ, инчунин ба сифати мошини назоратӣ-хазинавӣ истифода гардида, бо барномаҳои компютерии мақомоти андоз пайваст мебошанд ва тамоми маълумот оид ба амалиёт бо пули нақд ба мақомоти андоз дар низоми вақти мустақим дастрас мегардад. Ҳоло дар ин кишвар 98%-и амалиёти харидуфурӯш тариқи ғайринақдӣ сурат мегирад. Дар ҳолати такроран бо пули нақд анҷом додани амалиёти харидуфурӯш бо истифода аз барномаҳои махсус ин ҳолат мустақиман ба махзани маълумот ворид мегардад. Дар ин маврид агенти андоз дурустии манбаи пардохти андозсупорандаро ҳисоб ва муайян менамояд.

Илова бар ин, ба роҳ мондани назорат оид ба пешниҳоди чипта ва истифодаи POS-терминалҳо ҳангоми амалиёт бо пули нақд, шаҳрвандон мутобиқи қонунгузории андози Корея бо рақамҳои махсуси мушаххаскунанда таъмин буда, барои ҳар як чиптаи талабкардаашон, ки дар он рақамҳои мушаххас дарҷ мешаванд, дорои имтиёзҳо, дар шакли тарҳҳо аз маблағи андоз аз даромад мегарданд. Чизи дигари ҷолиб он аст, ки дар ҳолати аз ҷониби фурӯшанда надодани чиптаи мошини назоратӣ-хазинавӣ харидор метавонад ба нозироти андози маҳалли худ оид ба ҳолати мазкур муроҷиат намояд ва 20%-и ҷаримаи мазкур ба фоидаи харидор анҷом меёбад. Бо ин тартиб мақомоти андоз имконият дорад маълумотро дар бораи даромад ва хароҷоти ҳар як андозсупоранда гирад ва онро мавриди таҳлил қарор диҳад.

Дар давоми 20 соли охир тариқи электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳо аз тарафи андозсупорандагон дар Ҷумҳурии Корея барои ҳамаи намуди андозҳо шароит муҳайё шудааст. Айни ҳол зиёда аз 90%-и андозсупорандагон (шаҳрвандон ва субъектҳои хоҷагидор) эъломияҳои худро сари вақт ба тариқи электронӣ пешниҳод менамоянд.

Новобаста аз истифодаи васеи технологияи муосири иттилоотӣ дар фаъолият, барои назорати саривақтии иҷрои уҳдадориҳои шаҳрвандон ва андозсупорандагон оид ба дуруст ҳисоб ва пурра пардохт намудани андозҳои муқарраршуда, Хадамоти миллии андози Ҷумҳурии Корея дорои 20360 воҳиди корӣ буда, аз он 740 воҳиди кориро мутахассисони соҳаи барномасозӣ ташкил менамоянд

Яке аз омилҳое, ки дар бомуваффақият анҷом додани ислоҳоти андоз дар Ҷумҳурии Корея мусоидат менамояд, ба он вобастааст, ки бархӯрдорӣ аз қонунгузории андоз ва ба роҳ мондани қобилияти ҳисобдорӣ аз ҷониби аҳолӣ аз хурдсолӣ дар муассисаҳои таълимӣ оғоз гардида, фарҳанги андозии онҳо дар сатҳи баланд қарор дорад. Инчунин, бо омӯзишҳои касбӣ фаро гирифтани тамоми агентҳои андоз, муҳосибон ва машваратчиёни касбии соҳавӣ низ таъсири худро дар ислоҳоти андозӣ мерасонанд.

**Дар Ҷумҳурии Корея дар миёни аҳолӣ истифодаи хизматрасониҳои гуногуни электронӣ бисёр маъмул аст ва ба он омилҳои зерин таъсир расонидаанд:**

- аксари аҳолӣ бо компютер кор карда, бо истифода аз шабакаи Интернет озодона маълумот мегиранд ва ба мафҳуми “ҳуҷҷати электронӣ” бовар доранд. Ҳамаи мақомоти давлатӣ ҳуҷҷатҳои электрониро қабул менамоянд, зеро эътимоднокии онҳо ба шакли коғазӣ баробар карда шудааст;

- ҳар як шаҳрванд барои истифода намудан аз хизматрасониҳои электронӣ, рақами мушаххас дорад, ки ба рақами корти шахсии ӯ мутобиқ шудааст;

- додугирифти электронии маълумот миёни мақомоти давлатӣ дар сатҳи баланд ташкил гардидааст;

- маълумот доир ба воридоти маблағи андозҳо ба буҷет аз бонкҳо мустақиман ба мақомоти андоз ирсол мегарданд ва ин имкон медиҳад, ки коркарди маълумот оид ба воридоти маблағҳо дар низоми мустақим анҷом дода шавад.



Омӯзиши ҳаматарафаи ислоҳот дар мақомоти андози Ҷумҳурии Корея, таҷрибаи ҷорӣ намудани технологияи муосири иттилоотӣ дар мақомоти андоз ва дигар мақомоти давлатии Корея, тартиб ва усулҳои замонавии хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон дар Ҷумҳурии Корея, метавонад барои бомуваффақият анҷом додани ислоҳоти мақомоти андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди технологияи иттилоотӣ мусоидат намояд.

**М. УСМОНОВА,**

**корманди Шуъбаи робита бо ВАО-и Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ЭЪЛОН

## Муҳтарам андозсупорандагон!

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки аз соли 2013 сар карда, ба шакли электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳо ва ҳисобот ба роҳ монда шудааст.**

Гузариш ба шакли электронии эъломия ройгон буда, барои дастрасӣ ба он ба мақомоти андоз нусхаи шиноснома, ваколатнома ва иқтибос аз Феҳристи ягонаи бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда мешавад.

Дар ҳолати гузариш ба тартиби пешниҳоди электронии эъломияҳо ва ҳисобот шумо имкон пайдо менамоед, ки аз ҳамаи 36 намуди хизматрасониҳои электронии Кумитаи андоз, аз ҷумла гирифтани маълумот аз ҳисобварақа оид ба ҳисоб ва пардохти андозҳо, бақияи қарзи андоз ва тартиб додани санади муқоисавӣ истифода намоед.

**Оид ба масъалаи гузариш ба шакли электронии пешниҳоди эъломия ва ҳисобот метавонед аз сомонаи Кумитаи андоз www.andoz.tj ва рақами телефонии 151 ё мақомоти ҳудудии андоз маълумоти иловагӣ дастрас намоед.**

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Неформальная занятость в РФ связана не с налогами, а с дефицитом рабочих мест

Долгосрочный тренд на увеличение трудовой тени — проблема, не имеющая общего решения



Неформальная (в частности, теневая) занятость в РФ относительно невелика, отличается по структуре от сопоставимых стран, не связана со снижением занятости в промышленности и не увязана с уровнем налогообложения труда. Об этом говорится в работе группы авторов Всемирного банка (ВБ), пишет газета «Коммерсантъ».

Уменьшение налогов на труд в обмен на рост НДС не дал бы результатов, долгосрочный тренд на увеличение трудовой тени — проблема, которая не имеет общего решения. При этом экономисты ВБ считают перспективным либерализацию жесткого трудового законодательства России для малого бизнеса.

http://taxpravo.ru

# Масъулият дар иҷрои ӯҳдадориҳо



**19 июни соли ҷорӣ дар Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе дар мавзӯи "Пешниҳоди тавозуни муҳосибавӣ ва пешгирии омилҳои коррупсионӣ дар ҳисоб ва пардохти андозҳо" семинар-машварат доир гардид, ки дар он муовини сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Обиди Маҳмадсаид, сардори шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони раёсати андози шаҳр Мунавваршоҳ Раҷабзода, сармутахассиси шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони раёсати андоз Илҳом Муродхусейнов, инчунин, андозсупорандаҳо - шахсони ҳуқуқӣ иштирок доштанд.**

Сараввал, муовини сардори раёсати андоз Обиди Маҳмадсаид баромад намуда, қайд кард, ки ҳамаи корхонаҳо баъди гузаштан аз бақайдгирии давлатӣ ва ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудан вазифадоранд, ки барои соли тақвимӣ то 30 апрели соли ҳисоботӣ ба нозиротҳои андоз тавозунҳои муҳосибавиро пешниҳод намоянд.

Қайд шуд, ки на ҳамаи соҳибкорон сари вақт тавозуни муҳосибавиро пешниҳод менамоянд. Бархе аз онҳо дар иҷрои ӯҳдадориҳои худ масъулият эҳсос накарда истодаанд.

Мунавваршоҳ Раҷабзода вобаста ба тартиби пешниҳод намудани тавозунҳои муҳосибавӣ ба соҳибкорон сухан кард. Ӯ гуфт, ки баъзе аз андозсупорандаҳо даромадҳои аслии худро дуруст ва пурра нишон намедиҳанд, ҳамчунин ҳисоботро сари вақт пешниҳод намекунанд.

Аз ин рӯ, андозсупорандагонро зарур аст, ки ҳисоботи худро дуруст намуда, маблағҳои андозро пурра дар он нишон диҳанд. Инчунин, ӯҳдадориҳои худро сари вақт иҷро намоянд. Дар сурати сари вақт пешниҳод нагардидани тавозун дар асоси моддаи 599 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаримаи маъмурӣ пешбинӣ шудааст.

Илҳом Муродхусейнов оид ба масъалаи муқовимат ба омилҳои коррупсионӣ дар ҳисобот ва пардохти андозҳо қайд кард, ки паҳн гаштани коррупсия дар тамоми соҳаҳои кишвар ҷомеаро нигарон кардааст. Аз ин рӯ, ҳама якҷоя барои решакан кардани коррупсия бояд мубориза барем.

Дар идомаи семинар - машварат М. Раҷабзода қайд кард, ки мутобиқ ба талаботи моддаи 19 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андозсупорандагон ӯҳдадоранд дар эъломияҳои андоз даромади воқеии худро нишон диҳанд. Инчунин, ҳангоми ҳисоббаробаркунии нақдӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории андоз аз МХН истифода намоянд.

Дар охир миёни кормандони андоз ва иштирокдорон саволу ҷавоб сурат гирифт.

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

**Ҳафтаи гузашта дар Раёсати андози вилояти Суғд бо иштироки Солеҳзода А.М. - муовини якуми Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Меликов М.Н. - муовини сардори Раёсати ситонидани қарзи андозҳои Кумитаи андоз ҷаласаи кории кормандони шӯъба ва бахшҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, ситонидани қарзи андозҳои мақомоти андози вилояти Суғд доир гардид. Дар ҷаласа фаъолияти кории мақомоти ҳудудии андоз дар вилояти Суғд дар самти маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо аз рӯи натиҷаҳои панҷ моҳи соли 2019 баррасӣ гардида, вазифаҳо барои давраҳои минбаъда дар ин самт муайян карда шуданд.**

# Ҳолати ташвишовар

Ҷаласаро муовини сардори Раёсати андоз дар вилояти Суғд Маъруфзода Б.М. оғоз намуд. Сипас, муовини сардори Раёсати ситонидани қарзи андозҳои Кумитаи андоз Меликов М.Н. сухан намуда қайд намуд, ки аз ҷониби мақомоти андози вилояти Суғд иҷрои нақшаи моҳи майи соли ҷорӣ ба андозаи 100% таъмин шуда бошад ҳам, аз ҷониби нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои Исфара, Истаравшан, Гулистон, Спитамен, Айнӣ ва Зафаробод иҷрои нақшаи қисми даромади буҷети давлатӣ таъмин нагардид.

Бақияи қарзи андозҳо бо дарназардошти шуъбаи НАМ дар вилояти Суғд ба ҳолати 01.05.2019 маблағи 93491,5 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла андози иҷтимоӣ 33983,1 сомониро ташкил додааст. Дар ин давра қарзи андозҳо 3766,3 ҳазор сомонӣ ва андози иҷтимоӣ 1392,1 сомонӣ кам карда шудааст.

Дар панҷ моҳи соли ҷорӣ аз тарафи нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилоят 634 адад қарори маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ба маблағи 29238,9 ҳазор сомонӣ қабул гардида, аз ин ҳисоб ба буҷети давлатӣ ҳамагӣ маблағи 8383,4 ҳазор сомонӣ ворид шудааст. Нисбати ҳамин давраи соли 2018 шумораи қарорҳо 91 адад ва маблағи татбиқгардида 5369,6 ҳазор сомонӣ кам мебошад. Дар ин давра барои қабули қарори ҳабси молу мулк ва маҳсулоти тайёр 2 парвандаи назоратӣ ба Кумитаи андоз ирсол ва қарорҳои дахлдор қабул шудааст, ки ин нокифоя мебошад.

Таҳлили ҳисоботи пешниҳодгардида гувоҳӣ медиҳад, ки аз мадди назари сардорони нозиротҳои андоз, шуъбаҳо ва шахсони мутасаддӣ дур мондани ин самти фаъолият боиси рӯ ба афзоиш ёфтани бақияи қарзи андозҳо, аз ҷумла андози иҷтимоии буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ гаштааст. Масъалаи бақияи қарзи андозҳо, мутаассифона, яке масъалаҳои ташвишовари фаъолияти мақомоти андози вилоят боқӣ



мондааст. Иҷрои қарорҳои қабулшуда оид ба маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, аз тарафи шахсони мутасаддии шуъбаи ситонидани қарзи андозҳо ва кормандони шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон дар сатҳи дахлдор таъмин нашуда истодааст.

Аз тарафи баъзе нозиротҳои андоз кор дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Аз ҷумла, дар нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Исфара қарзи андози иҷтимоӣ 2,8 млн. сомонӣ, Бӯстон 92,2 ҳазор сомонӣ, Истиқлол 110,0 ҳазор сомонӣ, Ашт 1,5 млн. сомонӣ, Деваштич 509,0 ҳазор сомонӣ, Шаҳристон 467,8 ҳазор сомонӣ ва Зафаробод 5,6 млн. сомонӣ мебошад.

Дар ин шаҳру ноҳияҳо ҳамагӣ 1-2 адад протоколҳои маъмурӣ татбиқ гардидаасту халос.

Аз тарафи шахсони мутасаддии ситонидани қарзи андоз зоҳир намудани бемасъулиятӣ барои таъмини иҷрои қарорҳои қабулгардида, ба мушоҳида мерасад. Масалан, баъди қабули қарорҳо вобаста ба ситонидани қарзи андозҳои андозсупоранда аз ҳисоби пули нақди кормандони мутасаддии нозиротҳои андоз, ҳамагӣ як маротиба, баъзан тамоман санҷиш намегузаронанд ва санади ёфта гирифтани пули нақди андозсупорандаро тартиб намедиҳанд, назорати иҷрои минбаъдаи онро таъмин наменамоянд, ки дар натиҷа қарорҳои қабулгардида давраҳои тулонӣ бе иҷро боқӣ мемонанд.

Муовини сардори Раёсати ситонидани қарзи андозҳои Кумитаи андоз Меликов М. Н. дар баромади худ фаъолияти самти маҷбуран ситонидани қарзи андозҳои вилоятро пурра ва муфассал мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, қайд намуд, ки нишондиҳандаҳои корӣ дар 5 моҳи соли 2019 ба талаботи имрӯз ҷавобгӯ нестанд. Оид ба дар сатҳи паст қарор доштани иҷрои қарорҳои қабулшуда дар самти маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо нисбати кормандони масъули мақомоти ҳудудии андози вилоят ҷиҳати ислоҳи камбудиҳо то санаи 01.07.2019 мӯҳлат дода шуд. Таъкид гардид, ки бо мақсади пурра ситонидани бақияи қарзи андозҳо кормандони мақомоти андоз, дар навбати аввал, бо роҳи анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳию профилактикӣ андозсупорандагонро нисбати сари вақт иҷро намудани ӯҳдадориҳояшон огоҳ намуда, баъдан чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозро татбиқ намоянд.

Бо мақсади сари вақт ва сифатнок иҷро намудани ӯҳдадориҳои мансабӣ, бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва ба танзим даровардани фаъолияти Раёсати андоз дар вилояти Суғд ва нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилоят ҷаласаи корӣ қарорҳои дахлдор қабул намуд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# Форуми сармоягузорон

**14 июни соли 2019 дар шаҳри Кӯлоб Форуми байналмилалии сармоягузории «Кӯлоб - 2019» баргузор гардид, ки дар он сармоягузорони давлатҳои Россия, Ӯзбекистон, Чин ва соҳибкорону роҳбарони кооперативҳои тиҷоратию корхонаҳои кишвар иштирок намуданд.**

Пеш аз баргузории Форум дар назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ меҳмонон аз намоишгоҳи маҳсулоти кишоварзони вилояти Хатлон ва корхонаю ширкатҳое, ки маҳсулоти худро ба намоиш гузошта буданд, дидан намуданд. Дар Форум Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Фаррух Ҳамрализода иштирок ва суханронӣ кард.

Дар доираи Форум роҳбари гурӯҳи корӣ муовини якуми вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Завқизода Завқӣ оид ба пешравиҳои иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб сухан карда, вобаста ба ҳалли мушкилоти ҷойдошта, бахусус, таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ, об барои зироатпарварӣ, зарурати сохтмону таъмири муассисаҳои таълимию тиббӣ ва роҳҳо, инфрасохтори муосири сайёҳӣ ва мушкилоти хизматрасонии коммуналӣ ва партовҳои сахти маишӣ таклифу пешниҳодҳо намуд.

Дар охир, Завқизода Завқӣ аз ҳамаи ширкатҳои рушд даъват ба амал овард, ки бо дарназардошти мавҷуд будани имкониятҳои хуби сармоягузорӣ, сайёҳӣ ва таърихию фарҳангӣ ба ҷалб намудани маблағҳои зарурӣ барои рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб мусоидат намоянд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**



# Самараи фаъолият

**Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе иҷрои нақшаи қисми даромади буҷетро аз рӯи контингенти умумӣ дар 5 моҳи соли 2019 (бе дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ) ба андозаи 101,5 фоиз таъмин намуд. Ба ҷойи 1 млрд. 185,0 млн. сомонии нақшаи пешбинигардида, ба буҷет 1 млрд. 203,1 млн. сомонӣ ворид шуд, ки нисбат ба нақша 18,1 млн. сомонӣ ва нисбат ба маблағҳои воқеан дар ҳамин давраи соли гузашта ҷамъоваригардида 85,2 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Нишондиҳандаи қисми даромади буҷет бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ ба андозаи 101,7 фоиз таъмин гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 77,0 млн. сомонӣ зиёд мебошад.**

Дар ин давра нақшаи андозҳо ва пардохтҳо (бе дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ) дар ноҳияҳои Шоҳмансур 100 фоиз, Исмоили Сомонӣ 100,7 фоиз, Фирдавсӣ 109,3 фоиз ва Сино 99,7 фоиз таъмин гардид. Дар давраи ҳисоботӣ, нақшаи андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ ба андозаи 100,9 фоиз таъмин гардида, ба ҷойи 227,1 млн. сомонии пешбинишуда ба суратҳисоби Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 229,2 млн. сомонӣ ворид шуд, ки нисбат ба нақша 2,1 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Аммо иҷрои 2 намуд андоз - андоз аз даромад дар ин давра ҳамагӣ 89,7 фоиз ва андоз аз арзиши иловашуда 92,2 фоиз таъмин шуд, ки дар маҷмӯъ, аз ин ҳисоб ба буҷет 56,9 млн. сомонӣ ворид нагардид.

Иҷрои нақшаи қисми даромади буҷет аз рӯи контингенти умумӣ дар моҳи майи соли ҷорӣ (бе дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ) ба андозаи 100,3 фоиз таъмин шудааст. Ба ҷойи 259,5 млн. сомонии нақшаи пешбинигардида, ба буҷет 259,9 млн. сомонӣ ворид шуд, ки нисбат ба нақша 456,5 ҳазор сомонӣ бештар ва нисбат ба маблағҳои воқеан дар ҳамин давраи соли гузашта ҷамъоваригардида ба маблағи 22,7 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Сабабҳои асосии таъмин нагардидани нақшаи пешбинишудаи андозҳоро дар раёсати андози шаҳр дар пурра ба инобат нагирифтани омилҳои таъсиррасон, дуруст ва пурра фаъолият накардани баъзе андозсупорандагон, вазъи ноустувори фаъолияти бонкҳо, коҳиш ёфтани корҳои сохтмонӣ, камшавии маблағҳои ҳисобшудаи андозҳо дар аксари андозсупорандагони калони дар шаҳр фаъолияткунанда маънидод карданд.

Таҳлили нишондиҳандаҳои эълиномаҳои пешниҳоднамудаи як қатор андозсупорандагон нишон дод, ки дар семоҳаи якуми соли ҷорӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта маблағҳои ҳисобшуда ва пардохтшудаи андозҳо, алалхусус андоз аз арзиши иловашуда (дар маҷмӯъ 10,7 млн. сомонӣ) коҳиш ёфтаанд. Масалан, маблағҳои ҳисобшуда ва пардохтшудаи ААИ дар Ширкати “Транс-Тоҷик Газ Пайплайн Компании Лимитед” мутаносибан 3,6 ва 0,3 млн. сомонӣ, ҶСК “Тоҷик Эйр” 0,4 ва 6,2 млн. сомонӣ, ҶСП “Фароз Айти” 1,5 ва 2,1 млн. сомонӣ, ҶСК “Сементи тоҷик” 1,8 ва 1,2 млн. сомонӣ, ҶДММ “Роҳи тоҷик” 2,5 ва 0,7 млн. сомонӣ, ҶСК “Тоҷикгидромонтаж” 1,0 ва 1,1 млн. сомонӣ, Агентии захираҳои моддии давлатӣ 2,6 ва 2,4 млн. сомонӣ, ҶДММ “Строй Комплекс” 3,2 ва 1,7 млн. сомонӣ, ҶДММ “Кока Кола нӯшокиҳои Тоҷикистон” 1,1 ва 1,0 млн. сомонӣ, ҶСК “Тоҷикгидроэлектромонтаж” 1,1 ва 4,8 млн. сомонӣ кам гардидаанд.

Вале тибқи таҳлили маълумоти мақомоти ҳудудии андоз камшавии маблағҳои ҳисобшуда ва пардохтшудаи андозҳо дар фаъолияти 101 андозсупорандаи калон дида мешавад, ки маблағҳои ҳисобшудаи андозҳо 39,1 млн. сомонӣ ва маблағҳои пардохтшудаи андозҳо аз ҳисоби ин корхонаҳо 24,3 млн. сомонӣ кам шудаанд.

Мувофиқи маълумоти барномаҳои соҳавии мақомоти андоз дар семоҳаи якуми соли 2019 амалиётҳои аз андозбандии андоз аз арзиши иловашуда озодбуда 1,2 млрд. сомониро ташкил медиҳанд. Иҷро нагардидани нақшаи андоз аз даромади шахсони воқеӣ, пеш аз ҳама, ба кам гардидани шумора ва даромади дар шакли музди меҳнат пардохтшаванда, яъне фонди музди меҳнат алоқамандӣ дорад. Тибқи эълиномаҳои пешниҳоднамудаи 1822 андозсупоранда, ба санаи 1 апрели соли ҷорӣ, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, шумораи коргарон ва фонди музди меҳнат мутаносибан 6609 нафар ва 51,3 млн. сомонӣ кам гардидааст, ки он дар таъмин нашудани иҷрои нишондиҳандаи пешбинишудаи ин намуди андоз таъсири манфӣ расонидаанд.

Дар 5 моҳи соли ҷорӣ шуъбаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳри Душанбе 3455 андозсупоранда, аз ҷумла, 155 шахси ҳуқуқӣ, 531 соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома, фаъолияткунанда, 2760 соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда ва 9 адад филиал ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷиро ба қайд гирифтаанд. Ҳамзамон, дар ин давра 2212 андозсупоранда, аз ҷумла, 103 шахси ҳуқуқӣ, 304 соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда, 1802 соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда ва 3 адад филиалу намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ барҳам дода шудаанд. Ба ҳолати 01.01.2019 шумораи андозсупорандагон 1243 адад, аз ҷумла, 52 шахси ҳуқуқӣ, 227 соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда, 958 андозсупорандаи тибқи патент фаъолияткунанда ва 6 адад филиалу намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ зиёд шудаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби кормандони раёсати андоз дар фаъолияти 119 андозсупоранда санҷиши риояи қонунгузории андоз гузаронида шудааст, ки дар натиҷа, 8,7 млн. сомонӣ кам ҳисоб кардан ва пинҳонкунии андозҳо ошкор гардидааст. Ба буҷет дар ин давра 7,3 млн. сомонӣ аз ин ҳисоб ворид шудааст.

Бояд зикр кард, ки кормандони мақомоти андоз дар шаҳри Душанбе дар фаъолияти 286 адад андозсупоранда - шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ хариди назоратӣ гузаронида нисбати онҳо ба маблағи 1294,3 ҳазор сомонӣ протоколҳои ҳуқувайронкунии маъмурӣ тартиб додаанд. Ҳангоми гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ муайян гардид, ки 177 нафар шахси воқеӣ бидуни бақайдгирӣ дар нозиротҳои андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул будаанд. Аз ин рӯ, кормандони андоз онҳоро водор сохтанд, ки ҳуҷҷати соҳибкорӣ бигиранд. Аз маълумоти раёсати андоз бармеояд, ки онҳо тавонистанд дар ин давра 966 нафарро, ки бе қайд фаъолияти соҳибкорӣ менамуданд, бо ҳуҷҷати соҳибкорӣ таъмин кунанд.

Дар натиҷаи гузаронидани назорати камералӣ нисбати 933 андозсупоранда ҳамчунин, кам ҳисоб шудани андозҳо ба маблағи 50,2 млн сомонӣ ошкор шудааст. Аз эълиномаҳои иловагии андозҳои пешниҳодгардида 5,4 млн. сомонӣ аз ҳисоби ҳақдори рӯйпуш ва 28,7 млн. сомонӣ ба буҷетҳои дахлдор ворид шудааст.

Анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳӣ яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти андоз аст.

Тибқи нақша дар 5 моҳи соли 2019 ҷиҳати тарғиби қонунгузории соҳаи андоз бо мақсади инкишоф ва баланд бардоштани фарҳанги андозсупорандагон дар марказҳои калони савдо, бозорҳо, корхонаву ташкилотҳо бо иштироки беш аз 3532 нафар, соҳибкор ва кормандони корхонаву ташкилотҳо 130 маротиба семинар - машваратуву вохӯриҳо гузаронида шудаанд.

Мутобиқи маълумоти пешакӣ бақияи қарзи андозҳо дар шаҳри Душанбе ба санаи 1 майи соли 2019 маблағи умумии 77,1 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба аввали соли ҷорӣ дар ҳаҷми 687,6 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Афзоиши бақияи қарзи андозҳо нисбат ба аввали соли ҷорӣ, асосан, дар фаъолияти андозсупорандагони ноҳияҳои Фирдавсӣ (1150,2 ҳазор сомонӣ) ва Сино (738,6 ҳазор сомонӣ) дида мешавад.

Ирсол намудани огоҳиномаҳо ба андозсупорандагони қарздор оид ба пардохт кардани маблағи қарзи андозҳо, яке аз чораҳои аввалиндараҷаи мақомоти андоз маҳсуб мешавад. Тибқи маълумот дар 4 моҳи соли 2019 аз ҷониби мақомоти андоз дар шаҳри Душанбе ба унвонии зиёда аз 448 андозсупорандаи қарздор огоҳиномаҳо ирсол гардида, аз ин ҳисоб ба буҷет зиёда аз 9,6 млн. сомонӣ бақияи қарзи андозҳо ворид шудааст.

Дар баробари ин, дар ин давра нисбати андозсупорандаҳои қарздор 641 адад қарор оид ба маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ба маблағи умумии 38,3 млн. сомонӣ қабул шуд. Аз ҳисоби ин қарорҳо ба буҷет зиёда аз 23,1 млн. сомонӣ қарзи андозҳо ворид гардид, ки 60,4 фоизи маблағи умумии қарорҳоро ташкил медиҳад. Илова бар ин, аз ҳисоби қарорҳои иҷронагардидаи соли 2018, ки маблағи умумии он 17,8 млн. сомониро ташкил менамуд, дар ин давра 7,2 млн. сомонӣ қарзи андозҳо ситонида шуд. Дар маҷмӯъ, аз ҳисоби қарорҳо дар бораи маҷбуран ситонидани қарзи андозҳои солҳои 2018 - 2019 ба буҷет зиёда аз 30,3 млн. сомонӣ қарзи андозҳо ворид гардидааст.

Тавре ба назар мерасад, Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе ҷиҳати иҷрои нақшаи қисми даромади буҷет аз тамоми имкониятҳо васеъ истифода карда истодааст.

**Ф. АБДУРАҲМОН,**
**Ш. МУҲАММАДӢ**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

## Пресс-секретарь Яценюка опровергла сообщения о его отъезде с Украины

### По ее словам, экс-премьер Украины находится в Киеве

Бывший премьер-министр Украины Арсений Яценюк не покидал пределы страны, сообщила его пресс-секретарь Ольга Лаппо на своей странице в Facebook.

Ранее в СМИ появилась информация, что Яценюк покинул Украину вместе с семьей.

Лаппо заявила, что экс-премьер находится в Киеве. Она также опубликовала фотографию с заседания парламентской фракции «Народный фронт», в котором принял участие Яценюк.

Напомним, в октябре прошлого года суд Киева потребовал начать уголовное расследование в отношении Яценюка. Его подозревают в растрате, подлоге и уклонении от уплаты налогов.

http://www.aif.ru

## ЭЪЛОН

**АНДОЗСУПОРАНДАГОНИ МУҲТАРАМ!**

Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани хизматрасониҳо ба андозсупорандагон, инчунин кам намудани муносибати корманди мақомоти андоз бо андозсупорандагон, аз 01.06.2019 дар Кумитаи андоз боз як шакли хизматрасонӣ, аз ҷумла тавассути модули «Утоқи шахсии андозсупоранда» тартиб додани санади муқоисавӣ дар шакли электронӣ таҳия ва мавриди истифода қарор дода шуд.

Бинобар ин, андозсупорандагон метавонанд, минбаъд аз хизматрасонии мазкур истифода намуда, санади муқоисавиро дар шакли электронӣ тартиб диҳанд.

Дар ҳолати пайдо гардидани мушкилӣ ва гирифтани маълумоти муфассал ба Маркази тамоси Кумитаи андоз бо телефони 151 муроҷиат намоед.

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Власти Амстердама планируют ввести для туристов дополнительный сбор

**Городской совет Амстердама анонсировал введение нового налога – три евро с каждого туриста за ночь, сообщает АТОР.**

Путешественники, ночующие в столице Нидерландов, уже платят один из самых высоких туристических сборов в Европе – 7% от стоимости номера в отеле или другом лицензированном объекте размещения. Скоро к этой сумме прибавится налог в три евро. Благодаря этому власти рассчитывают ежегодно получать дополнительные 100 миллионов евро.

Деньги пойдут на сохранение исторического облика города. В ближайшие годы Амстердам планирует инвестировать 289 миллионов евро в содержание многочисленных мостов, каналов, парков и улиц.

Инициатива городского совета вызвала критику национальной ассоциации гостиниц и ресторанов. По мнению отельеров, чиновники борются исключительно с добросовестными участниками туристического рынка, заставляя отдыхающих искать все больше альтернатив в частном секторе.

Сроки внедрения налога на «подушку» пока не названы, но, по сообщениям местных СМИ, сбор придется платить с 2020 года, так как поступления от него уже закладываются в бюджет города на следующий год.

Амстердам страдает от большого наплыва посетителей. В прошлом году на каждого жителя приходилось 25 туристов. К 2025 году столицу Нидерландов, которая приняла в прошлом году 19 миллионов гостей, могут посетить 30 миллионов человек.

https://ria.ru

# Самти муҳими фаъолият




Кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ дар асоси дастуру супоришҳои роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти кам намудан ва пешгирии ҳолатҳои зиёдшавии бақияи қарзи андозҳо, шумораи андозсупорандагони қарздор ва таъмини иҷрои қарорҳои қабулгардида доир ба маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо дар доираи ваколатҳои худ пайваста чораҳои мушаххас меандешанд.

Тибқи маълумот бақияи қарзи андоз дар нозироти андози ноҳия ба ҳолати 1 майи соли 2019-ум 4767,5 ҳазор сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали соли ҷорӣ ба маблағи 76,2 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Бо мақсади таъсиррасонӣ ва кам намудани бақияи қарзи андозҳо нисбати андозсупорандагони қарздор дар панҷ моҳи сипаригаштаи соли 2019 тибқи муқаррароти қисми 3 моддаи 72 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби нозироти андоз нисбати 128 андозсупорандаи қарздор ба маблағи умумии 1560,0 ҳазор сомонӣ огоҳинома ирсол гардидааст. Аз ин ҳисоб ба буҷет 538,5 ҳазор сомонӣ ворид шудааст.

Ҳамчунин, бо мақсади андешидани чораҳои пешбининамудаи қонунгузории андоз дар самти маҷбуран ситонидани қарзи андоз тибқи тартиби ғайрисудӣ, дар панҷ моҳи сипаригардида, нисбати 74 нафар андозсупорандаи қарздор ба маблағи умумии 1787,0 ҳазор сомонӣ 119 адад қарор қабул гардидааст, ки то имрӯз 77 адади он пурра иҷро шудааст. Аз ин ҳисоб ба буҷет 1139,2 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст, ки 63,7%-и маблағи умумии қарорҳои қабулгардидаро ташкил намудаанд. Аз ҷумла 11 адад қарор дар бораи боздошти амалиётҳои хароҷоти суратҳисоби андозсупоранда, 56 адад қарор дар бораи ситонидани маблағи қарзи андоз аз ҳисоби суратҳисоби андозсупоранда ё дебитори вай ба маблағи 1586,5 ҳазор сомонӣ ва 52 адад қарор дар бораи ситонидани маблағи қарзи андоз аз ҳисоби пули нақдии андозсупоранда ба маблағи 200,5 ҳазор сомонӣ қабул шудаанд.

Ба ғайр аз ин, аз ҳисоби қарорҳои дар соли 2018 қабулгардида, ки иҷрои онҳо ба соли 2019 гузаронида шудаанд, дар панҷ моҳи соли 2019 363,2 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид гардидааст.

Бояд зикр кард, ки бо мақсади ошкор ва бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, ҳамчунин, нисбати 329 адад ҳуқуқвайронкунанда ба маблағи умумии 498,6 ҳазор сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ татбиқ шудааст, ки аз ин ҳисоб 227,8 ҳазор сомонии он ба буҷет ворид гардидааст.

Дар маҷмӯъ, кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ дар доираи ҳуқуқу ваколатҳои ба зиммадоштаашон баҳри таъмини иҷрои қарорҳои қабулгардида, кам намудани бақияи қарзи андоз ва шумораи андозсупорандагони қарздор, тамоми чораҳои заруриро андешида истодаанд.

**Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ**



# Қарзи андоз меафзояд, сабаб чист?

Дар панҷ моҳи соли равон мақомоти андози Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар ҳамкорӣ бо ниҳодҳои назоратӣ бо мақсади коҳиш додани бақияи қарзҳои корхонаҳои истеҳсолӣ талошҳои зиёд намуданд. Аммо бо сабабҳои гуногун маблағи бақияи қарзҳо на танҳо кам шуданд, балки афзоиш ёфтанд. Иллати аслии сари вақт пардохт нашудани бақияи андозро масъулони корхонаҳои истеҳсолӣ ба сардии ҳаво, боронҳои пайдарпайи фасли зимистон ва дер ворид шудани маблағ рабт медиҳанд.

Тибқи иттилои сардори раёсати андози вилоят Уқболшо Додихудоев мутахассисони нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилоят бо роҳбарону коргарони корхонаҳои қарздор барои кам намудани қарзашон семинар-машварат ва вохӯриҳои зиёд анҷом доданд, аммо тағйироте дар ин самт ба амал наомад. Бинобар ин, зарур донистанд, ки амалиёти хароҷотии 11 корхонаро, ки дар маҷмӯъ, 1937972 сомониро ташкил медод, боздошта, аз ин ҳисоб ба буҷаи маҳалӣ 606211 сомонӣ ворид намуданд.

Ба гурӯҳи корхонаҳое, ки дар давоми зиёда аз 3 сол бақияи қарзҳояшонро зррае кам накарданд ва сол аз сол қарзҳояшон афзоиш меёбанд, ҶСШК “Нақлиёти Баркхоз” (172080 сомонӣ) ҶДММ “Хуҷаназар” (524947 сомонӣ), ҶДММ “Сакнон” (85808 сомонӣ), ҶСК “Тоҷиктелеком” (340609 сомонӣ), ҶДММ “Синдбод” (330013 сомонӣ), филиали Агроинвестбонк дар шаҳри Хоруғ (106528 сомонӣ) ва ИИ Матбааи вилоят (153898 сомонӣ) шомил мешаванд.

Мақомоти андози вилоят барои коҳиш додани бақияи қарзҳо суратҳисоби хароҷотии ин корхонаҳоро баст ва барои рӯёндани қарзҳо мавод таҳия ва ба суди иқтисодӣ ирсол кард. Аммо, назар ба оморе, ки имрӯз дар даст доранд, ҳанӯз ҳам маблағҳои қарз дар ҳоли афзудан аст.

Тибқи иттилои масъулони Раёсати андози ВМКБ иҷрои нақшаи панҷмоҳаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 107,2 таъмин гардид.

**Довари БОВАР**

# Вазифагузорӣ

**Дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз технологияи иттилоотии муосир шароит фароҳам оварда шудааст, ки шаҳрвандон метавонанд аз хизматрасониҳои мақомоти андоз, аз ҷумла Бахши иттилоотӣ (Контакт – сентр) бо рақамҳои телефонии 151 ва 152, сомонаи Кумитаи андоз (http://andoz.tj) ва почтаи электронӣ (info@andoz.tj) бемонеа истифода намоянд.**

Вақтҳои охир ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сатҳи коргузорӣ дар мақомоти ҳудудии андоз, ҳисоб ва пардохт кардани андозҳо аз молу мулки ғайриманқул аз ҷониби шахсони воқеӣ муроҷиатҳои зиёде ворид гардида истодаанд.

Дар ин хусус дар Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфтанд, ки натиҷаи барррасии муроҷиатҳо ва корҳои таҳлилию назоратии гузаронидашуда дар ин самт нишон медиҳанд, ки новобаста аз дуруст ба роҳ мондани раванди маъмурикунонии андозҳо аз молу мулки ғайриманқул, таҳияи барномаи алоҳида ва тадбирҳои дар ин самт фароҳамовардашуда, кормандони шуъбаҳои ташкили андозбандӣ аз шахсони воқеӣ дар самти таҳия ва дастрас намудани огоҳиномаҳо ба суроғаи соҳибмулкон ҳоло ҳам аз шакли қоғазии он истифода мекунанд ва маҳз бо истифода аз ин тартиб ба соҳибмулкон огоҳиномаҳо ирсол мешаванд, ки чунин ҳолат боиси ташвишҳои зиёди соҳибмулкон гардида истодааст.



Омӯзиш ва баррасии огоҳиномаҳои ирсолгардида ба суроғаи соҳибмулкон нишон медиҳад, ки мазмун ва муҳтавои огоҳиномаҳо ба талабот ҷавобгӯ нестанд. Ҳолатҳои такроран ирсол шудани огоҳиномаҳо ба як суроға, хусусан, ба суроғаи андозсупорандагоне, ки дар асл дар назди буҷет аз ҳисоби андозҳо аз молу мулки ғайриманқул қарздор нестанд, ҳамчунин, хизматчиёни давлатӣ зиёд ба назар мерасад. Дар огоҳиномаҳои ирсолшуда навиштаҷот «бо худ овардани РМА, ҳуҷҷатҳои техникӣ ва расидҳои пардохти бонкӣ барои солҳои қаблӣ» қайд шуда, дар дигар маврид расидҳои пардохтнамудаи соҳибмулкон дар барномаи компютерӣ сари вақт ба ҳисоб гирифта нашуда, бе таҳлили пешакӣ ба суроғаи соҳибмулкон огоҳинома ирсол мешавад.

Натиҷаи таҳлилҳо ва баррасии муроҷиатҳо дар ин самт нишон дода истодааст, ки новобаста аз қатъ гардидани истифодаи расид ҳамчун ҳуҷҷати ҳисоботаш қатъии шакли 3Ф, ҳоло ҳам дар мақомоти ҳудудии андоз ҷамъоварии маблағи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замин аз ҷониби ҳисобчӣ-хазинадори ҷамоатҳои деҳот амалӣ шуда истодааст.

Бинобар ин, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дуруст ба роҳ мондани маъмурикунонии андозҳо аз молу мулки ғайриманқул, пешгирии қонуншиканиҳо, дуруст ҳисоб ва пардохт кардани андозҳо ва татбиқи пурраи барномаи компютерӣ дар ин самт бо ирсоли мактуби дастурӣ мақомоти ҳудудии андозро вазифадор мекунад, ки оид ба тартиби ҳисоб ва пардохти маблағи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул доир ба гузаронидани воҳӯрӣ ва корҳои фаҳмондадиҳӣ нақшаи чорабиниҳо таҳия намоянд. Кормандони мутасаддӣ вазифадор шуданд, ки аз рӯи минтақаи вобасташуда дар ҳар як ҷамоати деҳот, шаҳрак, кӯча ва маҳалла миёни соҳибмулкон корҳои фаҳмонадиҳӣ гузаронанд. Ҳамчунин, таъкид шуд, ки ҷамъоварии маблағи андозҳо аз объектҳои молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замини шахсони воқеӣ танҳо аз ҷониби кормандони мақомоти андоз амалӣ шавад ва ҷамъоварии андозҳои мазкур аз ҷониби ҳисобчӣ-хазинадори ҷамоатҳои деҳот қатъан манъ гарданд.

Ғайр аз ин, чуноне таъкид шуд, қабл аз таҳия ва ирсоли огоҳиномаҳо ҳолати қарздорӣ ва рафти иҷрои уҳдориҳои андозии соҳибмулкон бо истифода аз махзани маълумот ва дигар маълумоти дар мақомоти андоз мавҷудбуда муайян карда шуда, баъдан ба суроғаи онҳо огоҳинома ирсол гардад. Минбаъд огоҳиномаҳо доир ба пардохти маблағи андозҳо аз объектҳои молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замини шахсони воқеӣ ба суроғаи соҳибмулкон бо истифода аз шакли мувофиқашуда тибқи барномаи компютерӣ ирсол карда шавад.

Хотиррасон мешавем, ки ирсоли огоҳиномаҳо бе тартиби муқарраршуда қатъан манъ буда, дар сурати ошкор ва муайян гардидани чунин огоҳиномаҳои ба суроғаи соҳибмулк дастрасгардида нисбати шахсони мутасаддӣ муҷозоти қатъии интизомӣ то озод намудан аз мансаби ишғолнамуда татбиқ мегардад.

Вазъи кунунӣ ва сабаби афзудани муроҷиатҳоро ба Кумитаи андоз мутахассисони мақомоти андоз аз мавҷудияти проблемаҳо дар самтҳои фаъолияти андозсупорандагон, инчунин, нокифоя будани корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ маънидод мекунанд. Бино бар ин, мақомоти андоз тасмим гирифтааст, ки корҳои фаҳмондадиҳиву тавзеҳотӣ ва семинар – машваратҳо воҳӯриҳоро миёни андозсупорандагон ва шаҳрвандон зиёдтар ба роҳ монанд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

### В Новой Зеландии жители известного курорта выступили за введение турсбора

**Жители Куинстауна, города-курорта в Новой Зеландии, проголосовали за повышение налогов с туристов, сообщает Travel Mole.**

Идею нового сбора поддержал 81% горожан, голосование проходило в туристических центрах Новой Зеландии.

Планируется ввести так называемый налог «на кровать», то есть платить придется тем, кто будет останавливаться в гостиницах курорта.

В прошлом году Куинстаун посетили 3,3 миллиона человек.

**https://ria.ru**

# Мақсад: ошкоркунии қонуншиканиҳо

**Шуъбаи санҷиши андозҳои Раёсати андоз дар вилояти Хатлон дар панҷ моҳи соли 2019 нисбати 418 шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ санҷишҳои маҷмӯии андоз гузаронид, ки маблағи умумии ошкоршуда 5552,4 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.**

Ҳуқуқшиноси Раёсати андоз дар вилояти Хатлон Бахтиёр Каримов изҳор дошт, ки шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ, мутобиқи қонун ва қоидаҳои амалкунанда дар ҳудуди Тоҷикистон ҳамчун андозсупорандагони асосӣ эътироф шудаанд, уҳдадор мебошанд, ки андозҳои муқарраршударо дар муҳлати муайяншуда, тибқи меъёри тасдиқшуда пурра ба буҷети давлат пардохт намоянд. Иҷро нагардидани вазифаву уҳдадориҳо аз тарафи баъзе андозсупорандагон имрӯз ҳамчун масъалаи ташвишовар боқӣ мондааст. Аз ин лиҳоз, баҳри ошкоркунии пинҳонкориҳои андозӣ ва фаъолияти ғайриқонунии андозсупорандагон шуъбаи санҷиши андозҳо фаъолият мебарад.

Сардори шуъбаи санҷиши андозҳои Раёсати андоз дар вилояти Хатлон Ватаншо Сафарзода дар робита ба ин изҳор дошт, ки бо мақсади пешгирию ошкоркунии қонуншиканӣ ва пинҳонкориҳои андозӣ шуъбаи номбурда фаъолияти худро хуб ба роҳ мондааст. Ин аст, ки дар панҷ моҳи соли ҷорӣ 5552,4 ҳазор сомонӣ маблағ ошкор шуд 3719,1 ҳазор сомонии онро маблағи андозҳо, 1833,3 ҳазор сомониро ҷаримаҳо ва фоизҳои ҳисобшуда ташкил медиҳад. Аз маблағи ошкоршуда бо дарназардошти ҷаримаю фоизҳо ба буҷети давлатӣ тибқи таъинот 3622,8 ҳазор сомонӣ ворид гардид, ки он ба 65,2 фоизи маблағи умумии ошкоршуда баробар аст. Дар умум, бо дарназардошти бақияпулиҳои андоз дар панҷ моҳи соли 2019 маблағи 5231 ҳазор сомонӣ пардохт шудааст.

В. Сафарзода гуфт, ки тартиби гузаронидани санҷиши андозҳо мувофиқи талабот ба роҳ монда шуда, ин амал ба андозсупорандагон васеъ фаҳмонида мешавад. Агарчи кор бо баъзе андозсупорандагон бо сабаби маълумот надоштан ва ё бетаваҷҷуҳ будаҳашон мушкилӣ пеш мерод, аммо баҳри иҷрои вазифаву уҳдадориҳо аз имкониятҳои мавҷуда хуб истифода менамоем.

**С. РУСТАМ,**
**вилояти Хатлон**

## ЭЪЛОН

### БА ТАВАҶҶУҲИ АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон огоҳ менамояд, ки тибқи муқаррароти моддаи 51 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва "Тартиби пешниҳоди ҳисоботҳои андоз дар шакли электронӣ", ки бо Фармоиши Кумитаи андоз аз 26.01.2013, №2-Ф тасдиқ шудааст, дар мақомоти андоз тартиби дар шакли электронӣ қабул намудани эъломияҳои андоз ба роҳ монда шудааст.

Бо мақсади таъмини иҷрои қисми 2 банди 8 зербанди г) сархати панҷуми Барномаи рушди маъмурикунонии андоз, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2010, №626 тасдиқ шудааст, огоҳ менамоем, ки барои гузариш ба пешниҳоди ҳисобот ва эъломияҳои андоз дар шакли электронӣ то санаи 1 июли соли 2019 худро дар мақомоти андоз ба қайд гиред.

Ба таваҷҷуҳи шумо мерасонем, ки бо мақсади дастгирӣ ва беҳтар намудани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон гузаштан ба тартиби дар шакли электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳои андоз аз 20 майи соли 2019 ба таври ройгон анҷом дода мешавад.

**Хотиррасон менамоем, ки дар сурати то 1 июли соли 2019 ба тариқи пешниҳоди электронии эъломияҳо нагузаштан, дохил намудани эъломияҳои дар шакли қоғазӣ пешниҳодшуда ба барномаи Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо қатъ мешавад.**

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# Муҳтарам шаҳрвандон ва андозсупорандагон!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.11.2017, №533 "Дар бораи тартиби аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, хориҷ намудани шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ, филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷии бефаъолият", ҷиҳати аз Феҳристи ягонаи давлатӣ хориҷ намудан, рӯйхати субъектҳои бефаъолиятро пешниҳод менамояд.

Аз шумо хоҳиш менамоем, ки дар сурати пайдо гардидани арзу шикоят нисбати андозсупорандагони бефаъолият, ба Бахши иттилоотӣ бо рақамҳои содакардашудаи телефонии 151 ва 152 ё ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 42/2, муроҷиат намоед.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

(Аввалаш дар шумораи гузашта)

**Замимаи №5**

Рӯйхати андозсупорандагони бефаъолияти шаҳри Хуҷанд, ки барои хориҷ намудан аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ пешниҳод гардидаанд

| р/т | Номгӯи андозсупорандагон | Санаи таъсисёбӣ |
|---|---|---|
| | **СОҲИБКОРОНИ ИНФИРОДӢ** | |
| 113 | Собиров Исмоилчон | 22.01.2007 |
| 114 | Махкамбаев Даврон | 21.11.2012 |
| 115 | Мукаррамов Манучеҳр | 02.03.2012 |
| 116 | Машарипов Шарифҷон | 05.04.2010 |
| 117 | Шодиев Ҳасанбой | 11.08.2011 |
| 118 | Ҷураев Рамзидин | 13.07.2009 |
| 119 | Ҷумаев Собир | 30.08.2012 |
| 120 | Мирбобоев Шарифҷон | 06.10.2011 |
| 121 | Ҷӯраев Акмалҷон | 29.10.2008 |
| 122 | Тоирова Турсуной | 17.07.2009 |
| 123 | Маҳмудова Мунаввара | 01.03.2010 |
| 124 | Муллобоев Абдулаким | 10.02.2010 |
| 125 | Шукурова Елена | 04.07.2011 |
| 126 | Курбанов Джамшед | 17.11.2011 |
| 127 | Қориева Нодира | 24.08.2011 |
| 128 | Аликулов Илхом | 20.01.2010 |
| 129 | Норматова Моҳира | 16.09.2013 |
| 130 | Ҳамидова Начмӣ | 23.04.2010 |
| 131 | Ходжибоев Махмуджон | 23.12.2009 |
| 132 | Хамроева Тухта | 16.08.2016 |
| 133 | Умаров Бахтиёр | 20.04.2011 |
| 134 | Ҳусенов Алишер | 24.04.2012 |
| 135 | Холматова Мадина | 06.09.2013 |
| 136 | Ӯрунов Нурулло | 14.10.2009 |
| 137 | Ҳафизов Ҳусейн | 11.05.2011 |
| 138 | Миржунаев Тохир | 08.12.2009 |
| 139 | Тошхӯҷаев Эшонхӯҷа | 14.01.2010 |
| 140 | Турсунов Рустамҷон | 26.01.2012 |
| 141 | Обидов Эҳсонҷон | 25.05.2010 |
| 142 | Абдусатторов Абдуманон | 13.07.2009 |
| 143 | Пулатова Тути | 22.04.2010 |
| 144 | Тӯрахоҷаев Искандар | 10.06.2011 |
| 145 | Ҳусенова Мунира | 24.12.2009 |
| 146 | Ҳайдаров Равшанҷон | 13.03.2012 |
| 147 | Оманов Комил | 26.09.2011 |
| 148 | Наҷмитдинов Мирзохабиб | 15.03.2011 |
| 149 | Надиров Ғайбулло | 05.04.2010 |
| 150 | Ҳасанов Маъруфҷон | 21.09.2012 |
| 151 | Миркамолов Касым | 04.12.2009 |
| 152 | Мунаваров Гуломҷон | 03.05.2011 |
| 153 | Мӯминҷонов Нарзуллохон | 22.06.2010 |
| 154 | Маҳкамов Аҳмад | 05.08.2009 |
| 155 | Машарипова Дилрабо | 23.02.2012 |
| 156 | Махкамова Нодира | 21.04.2015 |
| 157 | Марупова Зебо | 26.08.2010 |
| 158 | Муродов Искандарҷон | 18.03.2011 |
| 159 | Муротов Васид | 10.08.2009 |
| 160 | Мирзоев Ҳалим | 27.07.2009 |
| 161 | Хоҷаев Юсуф | 11.02.2011 |
| 162 | Ҳусейнова Фарзона | 10.01.2012 |
| 163 | Ҳасанов Фарҳод | 15.03.2011 |
| 164 | Нурматова Матлуба | 25.12.2014 |
| 165 | Наҷмидинов Мирзобаходур | 31.07.2009 |
| 166 | Назаров Улуғбек | 25.06.2010 |
| 167 | Ӯльмасов Баҳром | 23.01.2012 |
| 168 | Нӯмонов Ҷаҳонгир | 01.02.2010 |
| 169 | Тоҷибоев Акбарҷон | 14.10.2010 |
| 170 | Абдураҳимова Саёҳат | 08.04.2010 |
| 171 | Каримов Маъруфҷон | 21.01.2010 |
| 172 | Комилов Фирдавс | 12.03.2009 |
| 173 | Қосимова Моҳина | 20.02.2009 |
| 174 | Тоҷибоев Мансурҷон | 20.08.2009 |
| 175 | Муллобоев Абдуфатто | 26.01.2010 |
| 176 | Тошматова Нигора | 20.11.2009 |
| 177 | Пошоходжаева Раҳима | 31.08.2009 |
| 178 | Пулотов Умарбой | 18.02.2008 |
| 179 | Раҳимов Мубинҷон | 09.07.2009 |
| 180 | Раҳмонова Таҳмина | 17.03.2011 |
| 181 | Турдибоева Бимарҳабо | 26.05.2008 |
| 182 | Ҳоҷиев Абдуғанӣ | 29.02.2012 |
| 183 | Низоми Андозбандӣ | 11.04.2011 |
| 184 | Абдураҳмонов Расулҷон | 21.06.2010 |

**Замимаи №6**

Рӯйхати андозсупорандагони бефаъолияти ноҳияи Дарвоз, ки барои хориҷ намудан аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ пешниҳод гардидаанд

| р/т | Номгӯи андозсупорандагон | Санаи таъсисёбӣ |
|---|---|---|
| | **ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ** | |
| 1 | ҶДММ «МАҶИДУЛЛО» | 29.06.2006 |
| 2 | ҶДММ «ПОРЯД» | 28.05.2013 |
| 3 | ҶДММ «ХОҶАГИИ ЁРИРАСОНИ САҒИРДАШТ» | 22.07.2015 |
| 4 | ИДОРАИ МЕХАНИКӢ ВА ТАЪМИНОТИ МОДДӢ-ТЕХНИКӢ | 30.06.1999 |
| 5 | ҶДММ «ХУРШЕД» | 05.07.2007 |
| 6 | ҶСК «РЕВН» | 17.02.2010 |

**Замимаи №7**

Рӯйхати андозсупорандагони бефаъолияти ноҳияи Дӯстӣ, ки барои хориҷ намудан аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ пешниҳод гардидаанд

| р/т | Номгӯи андозсупорандагон | Санаи таъсисёбӣ |
|---|---|---|
| | **ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ** | |
| 1 | ҶДММ «МОҲ» | 07.07.2010 |
| 2 | ҶДММ «ҶОВИД» | 18.04.2011 |
| 3 | ҶДММ «НУРИ СОҲИЛ» | 01.10.2009 |
| 4 | ҶДММ «АНУШЕРВОН» | 07.07.2012 |
| 5 | КАЛОНИЯИ МАХСУСИ САЁРИ МЕХАНИКОНИДАШУДАИ 6 | 10.06.2010 |
| 6 | АССОТСИАТСИЯИ ХОҶАГИҲОИ ДЕҲҚОНӢ - ФЕРМЕРӢ ВА КООПЕРАТИВҲОИ КИШОВАРЗИИ НОҲИЯИ ҶИЛИКУЛ | 31.03.2011 |
| | **СОҲИБКОРОНИ ИНФИРОДӢ** | |
| 7 | Гадоев Далер | 12.03.2015 |
| 8 | Абдураҳмонов Холмумин | 08.07.2009 |
| 9 | Убайдулоев Саидумар | 26.06.2010 |
| 10 | Джумаев Ражабали | 07.09.2010 |
| 11 | Пирматов Бабамурод | 18.03.2010 |
| 12 | Юсуфов Аюбҷон | 07.07.2010 |
| 13 | Асоев Абдулбосит | 29.05.2013 |
| 14 | Амонов Миралӣ | 09.04.2010 |
| 15 | Фаёзов Раҷабек | 05.07.2010 |
| 16 | Исмоилов Обидҷон | 24.04.2014 |
| 17 | Сафаров Сангинмаҳмат | 17.08.2009 |

**Замимаи №8**

Рӯйхати андозсупорандагони бефаъолияти шаҳри Гулистон, ки барои хориҷ намудан аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ пешниҳод гардидаанд

| р/т | Номгӯи андозсупорандагон | Санаи таъсисёбӣ |
|---|---|---|
| | **ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ** | |
| 1 | ҶДММ «МАНФИАТ ТИҶОРАТ» | 01.07.2010 |
| 2 | ҶДММ «ТУРСУНОЙ ЗОКИРОВА» | 19.01.2011 |
| 3 | НАМОЯНДАГИИ ҶДММ «Торговый Дом СОФО» дар ҶТ | 28.05.2010 |
| 4 | ҶДММ «Наҳлиёти Парвиз» | 31.05.2010 |
| | **СОҲИБКОРОНИ ИНФИРОДӢ** | |
| 5 | Ғафоров Салим | 24.07.2007 |
| 6 | Исмоилов Музаффар | 21.04.2011 |
| 7 | Ҳамидов Абдухалил | 19.11.2009 |
| 8 | Насулоева Санавбархон | 04.04.2013 |
| 9 | Рӯзиев Джаҳонбег | 20.06.2012 |
| 10 | Насибалиев Улуғбек | 11.03.2011 |
| 11 | Мирзоев Парвизчон | 14.10.2009 |
| 12 | Ёқубова Мавзуна | 03.02.2010 |
| 13 | Ҳалимов Абдураҳмон | 16.10.2014 |
| 14 | Тоҷибоева Маъсуда | 27.08.2010 |
| 15 | Алихонов Давронхон | 17.05.2012 |
| 16 | Худойбердиева Барно | 06.02.2010 |
| 17 | Тоиров Алишер | 27.09.2011 |
| 18 | Назаров Зоҳир | 29.01.2013 |
| 19 | Аминҷонов Абдуҳаллим | 13.05.2009 |
| 20 | Шодиматов Муродҷон | 10.06.2013 |
| 21 | Ҷумаев Ҷумабой | 22.10.2013 |
| 22 | Мухамедов Илҳом | 29.01.2010 |
| 23 | Ҷалилов Зафарҷон | 10.11.2011 |
| 24 | Ҳасанов Исломҷон | 23.02.2011 |
| 25 | Ҳакимов Комилҷон | 19.01.2010 |
| 26 | Ҳомидова Муяссар | 09.03.2012 |

**Замимаи №9**

Рӯйхати андозсупорандагони бефаъолияти шаҳри Левакант, ки барои хориҷ намудан аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ пешниҳод гардидаанд

| р/т | Номгӯи андозсупорандагон | Санаи таъсисёбӣ |
|---|---|---|
| | **ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ** | |
| 1 | ҶДММ»РСУ» | 26.02.2007 |
| 2 | ҶДММ «ЛИЕН ШЕНГ» | 09.10.2012 |

**Замимаи №10**

Рӯйхати андозсупорандагони бефаъолияти ноҳияи Рашт, ки барои хориҷ намудан аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ пешниҳод гардидаанд

| р/т | Номгӯи андозсупорандагон | Санаи таъсисёбӣ |
|---|---|---|
| | **ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ** | |
| 1 | ҶДММ «БАРЗГАР» | 28.06.2005 |
| 2 | ХОҶАГИИ ДЕҲҚОНИИ ДОРОИ МАСЪУЛИЯТИ МАҲДУДИ «КАБИРБОЙ» | 29.01.2002 |
| 3 | ҶДММ «АНОҲИТО 2012» | 19.04.2012 |
| 4 | ҶДММ «ИСМОИЛ 2010» | 05.07.2010 |
| 5 | ҶДММ «ҶОВИДОН» | 22.06.2010 |
| 6 | ҶДММ «ТАШРИФЗОДАИ ФАРРУХ» | 26.07.2010 |
| 7 | ҶДММ «ҚИСМАТ» | 21.07.2010 |
| 8 | ХОҶАГИИ ДЕҲҚОНИИ ФЕРМЕРИИ «ҲОМИД» | 15.06.2010 |
| 9 | ХОҶАГИИ ДЕҲҚОНИИ ФЕРМЕРИИ «АМИР» | 16.06.2010 |
| 10 | ҶДММ «ТАРАҚҚИЁТ» | 10.07.2010 |
| 11 | ҶДММ «ИТТИҲОДИ ҲОИТ» | 18.11.2015 |

**Замимаи №11**

Рӯйхати андозсупорандагони бефаъолияти ноҳияи Тоҷикобод, ки барои хориҷ намудан аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ пешниҳод гардидаанд

| р/т | Номгӯи андозсупорандагон | Санаи таъсисёбӣ |
|---|---|---|
| | **ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ** | |
| 1 | ҶДММ «ТАЛАБШО-86» | 16.02.2016 |
| 2 | КТ «Хизматрасонии Муҳаммадамин» | 28.12.2010 |
| 3 | КТ «Хизматрасонии Эҳсон-2011» | 22.01.2011 |

**Замимаи №12**

Рӯйхати андозсупорандагони бефаъолияти ноҳияи Шаҳринав, ки барои хориҷ намудан аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ пешниҳод гардидаанд

| р/т | Номгӯи андозсупорандагон | Санаи таъсисёбӣ |
|---|---|---|
| | **ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ** | |
| 1 | ҶДММ «ҲУМАЙН ТҶ» | 28.01.2014 |
| 2 | ҶДММ «ҒАЛЛА» | 05.04.2010 |
| 3 | ҶДММ «ШАНС 94» | 16.03.2010 |
| 4 | ҶДММ «САМО» | 26.10.2009 |

**Дар асоси муқаррароти моддаи 72 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри таъмини иҷрои ӯҳдадории дар мӯҳлати муқарраргардида иҷронашудаи андоз, ба мақомоти андоз ваколатҳои боздоштани амалиёти хароҷоти суратҳисоби бонкии андозсупоранда дар ташкилоти қарзӣ, рӯёнидани қарзи андоз аз ҳисоби маблағи пулии дар суратҳисоби бонкӣ мавҷудбудаи андозсупоранда ва (ё) дебиторони вай, инчунин маблағи пулии нақдии андозсупоранда, рӯёнидани қарзи андоз аз ҳисоби ҳабс кардан ва ба фурӯш баровардани молу мулки андозсупоранда дода шудааст.**

# Ваколати рӯёнидани қарзи андоз

## Муқаррароти қонунгузории андози кишварҳои хориҷӣ доир ба маҷбуран ситонидани қарзи андоз ва татбиқи амалии он

Ёдрас мешавем, ки чораҳои мазкур нисбат ба қарзе татбиқ мешавад, ки андозсупоранда онро эътироф намудааст. Барои ситонидани қарзи эътирофнашудаи андоз тартиби судии ҳалли масъала пешбинӣ гардидааст.

Аммо чуноне аз таҳлили қонунгузории дигар давлатҳо бармеояд, ваколатҳои бо қарори мақомоти андоз рӯёнидани қарзи андоз аз ҳисоби маблағҳои пулии дар суратҳисобҳои бонкӣ мавҷудбудаи андозсупоранда ё дебиторон, инчунин маблағҳои нақдии андозсупоранда дар онҳо, аз ҷумла, дар Кодексҳои андози Федератсияи Россия (м. 46), Туркманистон (м. 48, 62), Ӯзбекистон (м.68), Қазоқистон (м. 116,118), Гурҷистон (м. 54), Қирғизистон (м. 74), Фаронса, ИМА пешбинӣ шудааст.

**Ҳамзамон дар қонунгузории андози баъзе давлатҳои аъзои ИДМ ҷиҳати маҷбуран ситонидани маблағи боқимондаи қарзи андозҳо аз ҷониби мақомоти андоз, нисбат ба қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваколати васеътар пешбинӣ гардидааст. Аз ҷумла:**

- тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Туркманистон дар сурати мавриди баҳс қарор додани қарзи андозӣ бо натиҷаи санҷишҳои андоз ҳисобшуда баробар ба арзиши қарзи баҳсӣ то ҳалли худро ёфтани масъала, мақомоти андоз аз андозсупоранда пешниҳод намудани молу мулки гарав ё кафолатро талаб менамояд (м.60, 61);

- дар Кодекси андози Ҷумҳурии Қазоқистон муқаррар шудааст, ки дар сурати дар маҳалли қайд пайдо накардан ва фаъолият надоштани андозсупоранда, иҷро накардани талаботи қонунии мақомоти андоз, ҳамчун чораи таъсиррасонӣ бо амри мақомоти андоз ҳуқуқи андозсупоранда оид ба истифода намудани суратҳисоби бонкиаш маҳдуд мешавад (м.118);

- мутобиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Қирғизистон барои дар оянда таъмин гардидани иҷрои ӯҳдадорӣ, андозсупоранда бояд ба суратҳисоби депозитивии худ пешакӣ маблағи муайянро ворид намояд. Дар сурати аз ҷониби андозсупоранда дар мӯҳлати муқарраршуда пардохт нагардидани андозҳо, қарзи андоз аз маблағи депозитии мазкур, ки он зери назорати мақомоти андоз қарор дорад, ситонида мешавад (м.74);

- Кодекси андози Ҷумҳурии Ӯзбекистон рӯёнидани бе баҳсии қарзи андозро аз суратҳисоби бонкии шахси қарздор пешбинӣ намудааст (м.69).

Дар ИМА ва кишварҳои аврупоӣ чораҳои рӯёнидани қарзи андоз нисбат ба дигар қарзҳо ва пардохтҳои субъектҳи қарздор бартарият дошта, ба мақомоти андоз дар ин самт ваколатҳои васеъ, аз ҷумла маҳдуд намудани истифодаи суратҳисоби бонкӣ ва истифодаи маблағҳои нақдии қарздор, ҳабси молу мулк ва нигаронидани ситонидан ба амволи қарздор, рӯёнидани қарзи андоз аз музди меҳнат ва амволи масъулони шахси ҳуқуқӣ (ҳатто амволи шахсии онҳо), қабул намудани гарави пешакии пардохт шудани андоз ва дигар ваколатҳо дода шудааст.

Дар ин кишварҳо ҳангоми пайдоиши қарзи андоз мақомоти андоз дар аввал ба тариқи шифоҳӣ (занги телефонӣ) ё хаттӣ (ирсоли огоҳинома) андозсупорандаи қарздорро огоҳ карда, пардохт кардани қарзро талаб менамоянд.



Агар андозсупоранда бо дарназардошти вазъи номусоиди молиявии худ тамдид намудани мӯҳлати қарз ё паст намудани фоизи онро хоҳиш намояд, дар ин бобат мақомоти андоз бо ӯ созишнома ба имзо мерасонанд. Дар сурати беэътиноӣ намудани андозсупоранда мақомоти андоз ба ҳаракатҳои фаъолтар мегузарад ва амали ситонидани қарз ба маблағҳо ё молу мулки қарздор нигаронида мешавад.

**Масалан, дар ИМА чораҳои рӯёнидани қарзи андоз бо тартиби бебаҳс (яъне бе қарори пешакии судӣ) амалӣ карда мешавад, ки онҳо аз амалҳои зерини мақомоти андоз иборат мебошад:**

- *ҳабс намудани суратҳисоби бонкии қарздор;*

- *ҳабс намудани маблағҳои музди меҳнати шахси воқеӣ;*

- *ҳабс гузоштан ва рӯёнидан аз ҳисоби қарздорони дебитории андозсупорандаи қарздор (шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ);*

- *ҳабс гузоштан ба амволи қарздор;*

- *барои додани нишондод оид ба иҷрои ӯҳдадории андоз, вазъи молиявӣ ва молу мулкиаш ба мақомоти андоз даъват намудани шахси қарздор.*

Дар як қатор давлатҳо ба нозири андоз ваколати рӯёнидани қарзи андози шахси ҳуқуқӣ аз ҳисоби маблағ ва молу мулки шахсӣ ва молу мулки роҳбари корхона, менеҷерони калон ва дигар шахсони масъули ширкат дода шудааст, ки ин масъулияти онҳоро барои сари вақт пардохт намудани қарзи андоз афзун менамояд. Дар баъзе кишварҳои мутараққӣ фоизи қарзи андоз аз фоизи қарзҳои бонкӣ баланд буда, барои андозсупоранда бо роҳи гирифтани қарзи бонкӣ пардохт намудани қарзи андозаш осонтар меафтад.

Масалан, дар ИМА ба мақомоти андоз ваколат дода шудааст, ки агар дар 10 рӯзи пас аз супоридани огоҳинома оид ба пардохт намудани қарзи андозҳои федералӣ маблағи қарз пардохт нагардад, молу мулки қарздор таҳти ҳабс қарори мегирад. Ҳамчунин, рӯёнидани қарзи андоз аз музди меҳнат, суратҳисобҳои бонкӣ, пардохти кӯмаки таъмини иҷтимоӣ ва нафақапулӣ ба амал оварда мешавад. Мақомоти андоз ҳуқуқ дорад ҳама гуна моликияти хусусии қарздорро, ба ғайр аз молҳои истифодаи шахсии доирааш муайяншуда, мусодира намояд ва барои пардохт гардидани қарз онро ба фурӯш барорад.

Дар қонунгузории андози ИМА, Фаронса, Шветсария, Олмон ва як қатор давлатҳои дигари мутараққӣ ӯҳдадории исботи бегуноҳӣ ба зиммаи андозсупорандаи қарздор вогузор шудааст. Инчунин, бо қонунгузории ин давлатҳо барои назорати ҳисоб ва пардохт шудани андоз ҳуқуқу озодиҳои гражданӣ ба дахлнопазирии манзил, махфияти мукотибот ва гуфтугӯҳои телефонӣ маҳдуд гардида метавонад.

Дар ин давлатҳо ҳадамоти махсуси кофтукови молиявӣ-полис фаъолият карда, аз ваколатҳои васеи оперативии мушоҳидаи пинҳонӣ, даъват ва пурсиши шоҳидон, азназаргузаронии муросилот ва гӯш карда-ни гуфтугӯҳои телефонӣ, ҷалб намудани хабардиҳандагони пулакӣ истифода менамоянд.

Мувофиқи таҳлили Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд (ОЭСР) аз 52 давлати ҷаҳон, ки дар онҳо тадқиқот гузаронидаанд, дар 46-тои он (ғайр аз Белгия, Бразилия, Гонконг, Чин, Сингапур ва Шветсия) ба мақомоти андоз ваколати ба ҳабс гирифтани амволи қарздорро доранд, ҳамчунин дар 50 давлат (ғайр аз Булғория ва Чили) ба мақомоти андоз ваколати рӯёнидани қарз аз фурӯши амволи қарздорро дода шудааст.

Қариб дар ҳама давлатҳои мавриди таҳқиқ қароргирифта ба мақомоти андоз ваколати рӯёнидани қарзи андоз аз шахсони сеюм (дебиторон ва ғайра) дода шудааст. Дар 40 давлат (аз 52), аз ҷумла Австралия, Австрия, Белгия, Британия Кабир, Дания, Олмон, Юнон, Италия, Исроил, Корея, Люксембург, Нидерланд, ИМА, Финландия, Фаронса ва Эстония дар сурати нокифоя будани маблағ ва амволи ширкат барои пардохти қарзи андоз, қарз аз ҳисоби маблағ ва молу мулки роҳбари ширкат ситонида мешавад. Аммо дар Аргентина, Венгрия, Юнон, Дания, Ҳиндустон, Ирландия, Исландия, Италия, Чин, Колумбия, Корея, Латвия, Мексика, Португалия барои доштани қарзи андоз ба мақомоти андоз ваколати қабул намудани қарор дар бораи барҳам додани шахси ҳуқуқӣ ё бекор намудани иҷозатномаи ӯ дода шудааст.

Дар қонунгузории Австрия, Исроил, Италия, Индонезия, Корея, Малайзия, Нидерландия мавҷудияти қарзи андоз асос барои гузоштани маҳдудият барои сафар ба давлатҳои хориҷа мебошад ва дар Аргентина, Бразилия, Булғория, Венгрия, Юнон, Кипр, Чин, Корея, Малта, Португалия, Арабистони Саудӣ ва Туркия мавҷудияти қарзи андоз асос барои рад намудан аз хизматрасонии муайяни давлатӣ мегардад.

Чуноне ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, дар қонунгузории андози аксар давлатҳо барои мақомоти андоз ваколати маҳдуд намудани истифодаи суратҳисоби бонкӣ ва рӯёнидани қарзи андоз аз ҳисоби маблағҳо дар суратҳисоби бонкии қарздор, инчунин дигар тадбирҳои боз ҳам шадидтари рӯёнидани қарзи андоз пешбинӣ шудааст.

**А. ҚОСИМЗОДА,**
**прокурори шуъбаи назорати иҷрои қонунгузории андози Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# Бо дарки масъулиятшиносӣ

**Имрӯзҳо тавре ба назар мерасад, дар аксари марказҳои савдову хизматрасонӣ мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ (МНХ-и дорои ТИЭ) насб шуда, андозсупорандагон барои ҳисоббаробаркунии нақдӣ аз он васеъ истифода мекунанд. Чунки истифодаи МНХ яке аз воситаҳои асосии муайян намудани даромади воқеии андозсупорандагон ба ҳисоб рафта, истифодаи он ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ дар вақти фурӯши мол, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо бо пули нақд дар асоси моддаҳои 38-39 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.05.2013, №210 ҳатмӣ мебошад.**

Тибқи ҳуҷҷатҳои мазкур мақомоти андоз вазифадоранд, ки аз ҷониби андозсупорандагон ҳангоми муомилоти пулӣ бо аҳолӣ истифодаи ҳатмии мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалиро назорат намоянд.

Ҳамчунин, халалдор насохтани фаъолияти андозсупоранда, бо истифода аз технологияҳои ҳозиразамон, ба роҳ мондани пешниҳоди эъломия ва ҳисобот ба мақомоти андоз, анҷом додани таҳлилҳо дар доираи барномаҳои компютерӣ, дар ин замина то ҳадди максималӣ канорагирӣ намудан аз гузаронидани корҳои назоратӣ дар фаъолияти андозсупоранда, ҳамзамон баланд бардоштани сатҳ ва сифати хизматрасонии мақомоти андоз ба андозсупорандагон ҳам аз вазифаҳои асосии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешаванд.

Истифодаи МНХ-и дорои ТИЭ имкон медиҳад, ки фаъолияти андозсупоранда ва интизоми ӯ оид ба истифодаи МНХ дар низоми мустақим зери назорат қарор гирифта, масъулияти андозсупоранда ҷиҳати риояи қонунгузории андоз баланд бардошта шавад, сатҳу сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон беҳтар гардад.

Натиҷаи корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратии мақомоти андоз имконият дод, ки субъектҳои соҳибкорӣ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ нисбат ба солҳои қаблӣ аз МНХ зиёдтар истифода намоянд. Хушбахтона, ин раванд имрӯз дар Тоҷикистон назаррас роҳандозӣ шудааст ва чунone ки мушоҳида мешавад, дар ин самт андозсупорандагон, кормандони мақомоти андоз ва истеъмолгарон то андозае масъулият эҳсос мекунанд. Ин раванд дар ноҳияи Айнии вилояти Суғд хуб ҷараён дорад.

Тавре аз Нозироти андоз дар ноҳияи Айнӣ иттилоъ доданд, ба ҳолати 1-уми майи соли 2019 аз ҷониби онҳо дар фаъолияти 8 андозсупоранда МНХ-и дорои ТИЭ насб шудааст. Ин дар ҳолест, ки тибқи Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08.01.2019, таҳти №5 талаботи таъмини МНХ дар соли 2019 дар нозироти андози ноҳия 24 ададро ташкил менамояд.

Дар ин давра ҳамагӣ 208 МНХ ба қайд гирифта шуда аз ин 120 шахси воқеӣ ва 88 нафарро шахси ҳуқуқӣ ташкил медиҳад.

Ҳамзамон, манбаъ иттилоъ дод, ки дар фаъолияти баъзе андозсупорандагон барои истифода накардани МНХ протоколи маъмурӣ тартиб дода шудааст. Аз ҷумла, дар ин давра нисбати 8 андозсупоранда протоколи маъмурӣ тартиб ёфта, 26400 сомонӣ ҷарима татбиқ гардидааст.

Ҷиҳати тақвият бахшидан ба раванди таъмини соҳибкорон бо МНХ мақомоти ҳудудии андоз бо истифода аз таҳлили барномаҳои СИА корро дар ин самт ҷоннок намуда, пеш аз ҳама, нисбати он субъектҳое, ки бархилофи талаботи муқарраргардида дар фаъолияташон аз МНХ истифода намекунанд, инчунин андозсупорандагонеро, ки аз оғози фаъолияташон 3 моҳ гузаштааст, бо МНХ-и дорои ТИЭ таъмин намоянд.

Кумитаи андоз ҳар моҳ номгӯи андозсупорадагонеро, ки бино бар пурра истифода накардан аз МНХ дар фаъолияташон зарурати гузаронидани хариди назоратӣ ба миён меояд, барои чораҷӯӣ ба мақомоти ҳудудии андоз, ирсол менамояд. Аз ин рӯ, андозсупорандагонро зарур аст, ки дар фаъолияти худ аз МНХ истифода намоянд, то ки сабаби қонунвайронкунӣ ва дар оянда боиси гузаронидани корҳои назоратӣ ва ҷаримабандӣ нагардад.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

# Терроризм ва экстремизм- хатаре ба ҷомеаи ҷаҳонӣ

Дар ибтидои қарни XXI инсоният бо хатари ҷиддие, ки ба бақои одаму олам таҳдид менамояд, рӯбарӯ гаштааст, ки номи он терроризми байналмилалӣ мебошад. Албатта, сухани онҳое, ки мегӯянд, терроризм падидаест, ки инсониятро дар тамоми тӯли таърихи мавҷудияташ ҳамроҳӣ намуда омадааст, беасос нест. Решаҳои терроризм хеле чуқур буда, ба базаи иҷтимоии он, ба асосҳо ва ё пояҳои идеологӣ, таърихӣ - фарҳангӣ ва ҷаҳонбинии он иртибот доранд. Ҳоло касе гуфта наметавонад, ки якумин амалиёти террористӣ кай ва дар куҷо ва ба кадом мақсад рух додааст. Дар аҳди қадим, асрҳои миёна ва давраи нав ҳам одамони алоҳида ва ҳам гурӯҳҳои муташаккили сиёсию мазҳабие буданд, ки ба воситаи тарсонидану даҳшатафканӣ мехостанд мақсадҳои худро ба гардани дигарон бор намоянд. Дар ин давраҳо ҳам амалҳои террористӣ боиси кушта шудани теъдоди зиёди одамони бегуноҳ мегардид.

Терроризм-содир намудани амалҳое мебошад, ки ба одамон хатари марг ба миён меоваранд, истифодаи он мақсади ҷисман бартараф кардани рақиби сиёсӣ, вайрон кардани бехатарии ҷамъиятӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир барои аз тарафи ҳокимият қабул кардани қарорҳо мебошад.

Ифротгарой-дар кадом шакл набошад, онро мо қабул надорем, чунки он ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро поймол мекунад. Қайд кардан ҷоиз аст, ки ифротгарой асосҳои маънавии ҷомеаро вайрон намуда, ба амнияти минтақа, тамоми ҷаҳон, аз он ҷумла ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам таҳдид мекунад.

Ба муқобили ифротгарой бояд ҳама мубориза баранд. Имрӯз терроризм беш аз пеш хусусияти фаромиллӣ ва глобалӣ касб мекунад. Он дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон доман паҳн карда, хатари бузурги иҷтимоӣ дорад ва барои амнияти давлатҳои алоҳида ва минтақаҳо воқеан таҳдид эҷод менамояд. Тоҷикистон, ки ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро аз сари худ гузаронидааст ва бо зуҳуроти зишти ин падидаи ғайриинсонӣ аз наздик ошно мебошад, ҷонибдори усулӣ ва пойдору устувори муборизаи қотеъ ва ҳамоҳангшудаи ҷомеаи ҷаҳонӣ бар зидди он аст. Айни замон масъалаи амалҳои террористӣ дар ҷаҳон муташанниҷ боқӣ мемонад. Сарфи назар аз тадбирҳои андешидашудаи солҳои охир дар бахши мубориза бо терроризм, таҳдиди амалҳои нави террористӣ на фақат аз байн нарафтааст, балки афзоиш ёфтааст. Дар гӯшаҳои гуногуни ҷаҳон фаъолшавии созмонҳои террористӣ ва ташкилоту созмонҳои маблағгузори онҳо мушоҳида мешавад.

Дар охири қарни XIX ва XX амалҳои террористӣ бештар характери сиёсӣ ба худ гирифта, доираи фаъолияти террористон хеле васеъ мегардад. Бо инкишофи техника ва технологияи нав шаклу намудҳои нави терроризм ба вуҷуд меоянд, ки аз рӯи иқтидори харобиоварияшон ба амалиёти калони ҷангӣ шабоҳат доранд. Махсусан, амалиёти террористӣ, ки 11 - сентябри соли 2001 дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико анҷом дода шуд, бо бераҳмӣ, густохӣ ва теъдоди зиёди одамони қурбоншуда бесобиқа мебошад. Ҳанӯз як сол нагузашта, террористон 23 - 26 октябри соли 2002 дар Маскав кӯшиши гузаронидани чунин амалиётро бо гаравгон гирифтани зиёда аз ҳазор тан аз мардуми бегуноҳ намуданд, ки дар натиҷаи амалиёти зиддитеррорист даҳҳо нафар аз сокинон бегуноҳи Маскав ба ҳалокат расиданд.

**Абдулло ХОҶАЕВ,**
**имомхатиби масҷиди ҷомеи ноҳияи Синои шаҳри Душанбе**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Узбекистан планирует втрое увеличить пошлину на импортную обувь

**В рамках защиты и развития обувной и кожевенной отрасли Узбекистана планируется упростить экспорт собственной продукции в страны ближнего зарубежья, а также создать более благоприятные условия для предприятий отрасли.**

Представители кожевенной и обувной промышленности Узбекистана предложили ряд протекционистских мер для поддержания и развития отрасли. В частности, планируется увеличить втрое таможенные пошлины на импортную продукцию и дать привилегии местным производителям.

Эти и другие пункты содержатся в проекте постановления президента Узбекистана «О дополнительных мерах по развитию кожевенно-обувной и пушно-меховой отраслей…», размещенном на портале нормативно-правовых актов для общественного обсуждения.

В частности, в документе сообщается о необходимости серьезной административной и финансовой поддержки отрасли в условиях обострившейся конкуренции на мировых рынках.

К примеру, предлагается установить с 1 июля 2019 года новые таможенные ставки на импортируемую в республику обувь в размере 30% от таможенной стоимости товара, но не менее 5 долларов США за одну пару. Нынешние нормы составляют 10% и не менее 1,5 долларов с одной пары.

При этом внутриотраслевую реализацию произведенное сырье и полуготовую продукцию предлагается не считать объектами налогообложения.

Кроме того, представители отрасли выступают ценовые преференции в размере до 20% при госзакупках обуви, кожгалантерейной продукции, изделий из шерсти, каракуля и искусственной кожи, в том числе при поставке этих товаров стратегическими субъектами.

В документе прописан порядок вывоза кожевенного полуфабриката при сборе в 20% от стоимости экспортируемой продукции. Внедрить такую меру планируется с января 2021 года.

Разработчики документа предлагают также субсидировать часть расходов по кредитам на развитие предприятий отрасли за счет Фонда поддержки развития предпринимательской деятельности. Для отдельных видов предприятий предлагается ввести нулевые ставки по земельному налогу до июля 2022 года.

Кроме того, проект постановления подразумевает внедрения системы «зеленого коридора» для экспорта готовой обувной и кожевенной продукции из Узбекистана в страны ближнего зарубежья. При этом отдельным пунктом выделена необходимость ужесточения контроля за ввоз в страну нелегальной продукции.

**https://news.mail.ru/economics**

## ЭЪЛОН

**МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати сарфаи вақти корӣ ва бе ҳозир шудан ба нуқтаҳои хизматрасонии “Амонатбонк” қабули андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеиро дар шакли ғайринақдӣ тавассути POS – терминалҳо ба роҳ мондааст.

Хотиррасон мешавем, ки ҳангоми пардохт намудани маблағи андозҳо шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо чиптаҳои пардохт таъмин ва ҳамзамон маблағҳои пардохтшуда ба таври автоматӣ дар ҳисобварақаи онҳо сабт мегардад.

Аз ин лиҳоз, шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо истифода аз тартиби мазкур, метавонанд андозҳо аз молу мулки ғайриманқули худро минбаъд дар шакли ғайринақдӣ дар нозиротҳои андози маҳалли қайди худ бо истифода аз кортҳои бонкӣ пардохт намоянд.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ЭЪЛОН

**БА ДИҚҚАТИ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шаҳрвандон ва соҳибмулконе, ки дорои объектҳои молу мулки ғайриманқул, ба монанди хонаҳои истиқоматӣ, ҳавлӣ, гаражҳо, биноҳо, иморатҳо, бӯстонсароҳо, дигар биною иморатҳо ва қитъаҳои замин мебошанд, хоҳиш менамояд, ки маблағҳои ҳисобшудаи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва замини наздиҳавлигии худро сари вақт ба буҷети давлатӣ пардохт намоянд.

Хотиррасон менамоем, ки дар сурати пардохт накардани маблағи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замин рӯихати шаҳрвандон ва соҳибмулкони аз андоз қарздор дар матбуоти даврӣ ба чоп мерасад ва ҳамчунин тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ нисбати маблағҳои пардохтнашуда фоизҳо ҳисоб мегарданд.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ЭЪЛОН

**СОҲИБКОРОНИ МУҲТАРАМ!**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» аз 31.08.2012, №451 шахси воқеие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошад, уҳдадор аст фаъолияти худро ҳамчун соҳибкори инфиродӣ дар асоси патент ва ё шаҳодатнома ба қайди давлатӣ гирад.

Бақайдгирӣ дар нозироти андоз имконият медиҳад, ки давраи фаъолияти шумо ҳамчун собиқаи корӣ ба ҳисоб гирифта шуда, тибқи тартиби муқаррargardида ҳифзи иҷтимоиатон таъмин шавад.

Хотиррасон менамоем, ки дар асоси талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ бе бақайдгирӣ дар мақомоти андоз аз 30 то 40 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, яъне аз 1650 сомонӣ то 2200 сомонӣ ҷарима пешбинӣ гардидааст.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**




## МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки мутобиқи муқаррароти моддаи 25 Кодекси андоз гирифтани рақами мушаххаси андозсупоранда ройгон сурат мегирад.

Дар ҳолати аз ҷониби кормандони мақомоти андоз ҳангоми додани рақами мушаххаси андозсупоранда зоҳир шудани рафтори номуносиб метавонед бо рақами содакардашудаи 151 ва ё телефони боварии Раиси Кумитаи андоз: 233-09-05 муроҷиат намоед

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**БАРҲАМ МЕХӮРАД**

■ ҶДММ «Фирузҷон-2013» (РЯМ 2210002621) воқеъ дар ноҳияи Данғара, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «КАВСАР ТҶ» (РЯМ 0310015246) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Нури Эхё» (РЯМ 0310019380) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам мехӯрад.

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Остонов Хисрав (РЯМ 5230017650) аз ноҳияи Айнӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Боймаҳмедова Гулрухсор (РЯМ 5230025195) аз ноҳияи Айнӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Иқтибоси мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №55-и ноҳияи Сангвор (РМА 170002099) аз ноҳияи Сангвор, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Низомова Зулхумор (РЯМ 0331339406) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Маҷидов Идибек (РЯМ 1630005117) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Зарифов Нусратулло (РЯМ 1430012980) аз ноҳияи Файзобод, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Давлатмамадов Саидқадам (РЯМ 7230006264) аз ноҳияи Рушон, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Сафарбеков Раҷаб (РЯМ 7230005118) аз ноҳияи Рушон, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «А. Лоҳутӣ» (РЯМ 3030021665) аз ноҳияи Дӯстӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Самаров Мирзораҳмат (РЯМ 7330007511) аз ноҳияи Дарвоз, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Қурбонова Чамангул (РЯМ 7230005201) аз ноҳияи Дарвоз, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Холов Саидқадам (РЯМ 0630006575) аз шаҳри Роғун, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Мирҷонов Сорвоншоҳ (РЯМ 0630018923) аз шаҳри Роғун, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Нурмаҳмадова Шоҳида (РЯМ 6230049595) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## ЭЪЛОН!

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон музоидаи №8-ро эълон менамояд**

Ба таваҷҷуҳи хоҳишмандон расонида мешавад, ки молу мулки таҳти ҳабс қароргирифтаи КТ «Сартуқай» (РМА630008712)-и ноҳияи Б. Ғафуров бо нархи ибтидоии 117 074 (яксаду ҳабдаҳ ҳазору ҳафтоду чор) сомонӣ ба фурӯш гузошта мешавад.

Хоҳишмандон бо пардохти 5 фоиз пардохти кафолатӣ аз нархи ибтидоии молу мулк, дар музоида иштирок карда метавонанд.

Пардохти кафолатии ғолиби музоида ба нархи фурӯши молу мулк дохил мешавад.

Музоида санаи 9 июли соли 2019, соати 10:00, дар бинои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 42/2 баргузор мешавад.

Музоида бо усули англисӣ сурат мегирад.

**НОМГӮИ МОЛУ МУЛКИ ТАҲТИ ҲАБС ҚАРОРДОШТА**

| № | Номгӯи молу мулк | Масоҳати умумӣ ($м^2$) | Соли бароориш | Нархи ибтидоии фурӯш дар асоси хулосаи КДФҶ«Суғднархгузор» (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Як қисм молу мулки таҳти ҳабс қарордоштаи КТ «Сартуқай»-и ноҳияи Б. Ғафуров: Бинои устохона, анбор, мабраз, devори бетонӣ, дарвозаи оҳанин, мумфарши саҳни бино | 642,05 | 1983-2013 | 117 074 |
| | Ҷамъ: | | | 117 074 |

**Телефонҳо барои тамос: 2-33-09-30**

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Соҳибов Акмал (РЯМ 6230004404) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Собиров Аббос (РЯМ 6230001901) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Шодимуротов Зувайдулло (РЯМ 6230129987) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Пӯлотов Азизҷон (РЯМ 6230022810) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Фармонқулов Эгамберди (РЯМ 6230054839) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Зуфаров Ҷафар (РЯМ 6230025845) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

# Оғози ислоҳоти андоз ва ташаккули заминаҳои низоми миллии андоз (солҳои 1992 – 1995)

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

Дар ин давра ҷорӣ намудани намудҳои нави андозҳои хоси низоми иқтисоди бозаргонӣ оғоз гардид, асосҳои қонунияти амали мақомоти андоз ташаккул ёфт, сохтори мустақили давлатии идора кардани фаъолияти андозбандӣ ба миён омад. Вале бӯҳрони амиқи иҷтимоию сиёсӣ, низоъҳо ва ҷангҳо, мавҷуд набудани пули миллӣ, ба миён омадани дуализм (дугонагӣ) дар худи низоми андоз барои ташаккули он ва иҷрои вазифаҳояш чун низоми миллии андоз имконият намедоданд.

Дар давраи дуюм, ки солҳои 1995 – 1998-ро дар бар мегирад, сиёсати андоз ба самти ба низому тартиби муайян даровардани андозбандӣ, кам кардани бори андоз ва баланд бардоштани ҳавасмандкунандагии андозҳо нигаронида шуда буд. Дар ин давра ҷараёни ташаккули низоми миллии андоз, ки ҷавобгӯи талаботи иқтисоди давраи гузариш ва ниёзмандиҳои ҷумҳурӣ буд, ба анҷом расид. Дар иҷрои ин кор мустаҳкам гардидани асосҳои ҳуқуқии андозбандӣ, такомули сохтори ташкил ва идора кардани амали андозбандӣ, арзи вуҷуд намудани пулиси андоз, низоми омодасозӣ ва бозомӯзии мутахассисони соҳи андоз, ташкили нашриёҳои соҳаи андоз ва андозбандӣ, инчунин қабул шудани Кодекси андоз – маҷмӯи қонунҳо дар бораи андоз ва андозбандӣ мусоидат намуданд.

Давраи муосир ё сеюми ташаккул ва рушди низоми миллии андоз аз замони қабул шудани нахустин Кодекси андоз – 1 январи соли 1999 оғоз ёфт.

Хусусияти ин давра аз он иборат аст, ки дар ин давра мақоми андоз чун падидаи ҳавасмандсозӣ ва ба танзим даровардан тақвият ёфт. Аз ин ҷост, ки масъалаҳои бештар кам кардани вазнинии андоз, ҳимояи истеҳсолкунандагони дохилӣ, беҳсозии шароит барои инвесторҳо, бар дӯши шахсони воқеӣ бештар бор кардани вазнинии андоз ва сабук кардани бори шахсони ҳуқуқӣ, тақвияти ҷиҳати иҷтимоии андозбандӣ, баланд бардоштани сатҳи ҷамъоварии андоз, такмили шакл ва тарзҳои кор бо андозсупорандагон, инчунин мубориза бо ришвахӯрӣ (коррупсия) дар мақомоти андоз ба миён омаданд.

Низоми андози хоҷагидории нақшавӣ (планӣ) соли 1991 шикаста шуд ва аз ҳамон давра сар карда кори бунёдсозӣ ва такмили низоми миллии андози мутобиқ ба шароити иқтисоди давраи гузариш идома дорад. Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. «Дар бораи ташкили саридораи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» (3 январи соли 1992) оғози ин кор гардид.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ «Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**

# Андозҳои ғайриодӣ



**Маҷаллаи «Форбс» рӯихати андозҳои ғайриодиеро пешниҳод кард, ки воқеан ҷолиби диққатанд.**

1. Бо вуҷуди вазъи орому осудаи Гвинея, сокинон барои сулҳ андоз месупоранд.

2. Сайёҳоне, ки ба ҷазираи Болеарии Испания сафар мекунанд, мувааззафанд ҳар рӯз барои офтобхӯрӣ 1 евро пардохт намоянд.

3. Агар равраду даст ё пойи сайёҳони лижарони Австрия шиканад, танҳо пас аз супурдани андози махсус духтур онҳоро гаҷбандӣ (гипс) мекунад.

4. Барои коҳиш додани дарахтбурӣ дар Ҷумҳурии Мардумии Чин қонуне қабул шуд, ки мувофиқи он барои ҳар ҷуфти чӯбчаи хӯрокхӯрӣ аз шаҳрвандон ба андозаи 5 дарсади арзиши он андоз ситонида мешавад.

## Нодиртарин муҷассамаи олам

Соли 1580 дар гулбоғи Вилла Демидоффи қисмати шимолии Флоренсия муҷассамаи бузурге қомат афрохта, ҳамаро ба ҳайрат овард. Муҷассама «Colosso dell Appennino» ном дошта, бо баландии даҳ метр аз ҷониби ҳайкалтароши итолиёвӣ Ҷамболоня эҷод шудааст.

Замоне ин муҷассама як гӯшаи боғи ободеро, ки бо ҳайкалҳои сангину биринҷии зиёде оро дода буд, зеб медод. Бо мурури вақт дигар пайкараҳои нодиру бузург нобуд гардиданд, аммо баҳодури сангини азимҷусса то имрӯз побарҷост.

Ва инак, чанд садсола аст, ки пайкараи бузурги мард дар соҳили обанбор нишаставу хаёломез ба оби ҳавз дида медӯзад. Кас ба ин муъҷизаи даҳметра назар карда, ба эъҷози дасти инсон, ки бо табиати афсункор хеле тавъам афтодааст, аҳсан мегӯяд.

## Чанд далели ҷолиб дар бораи собун




Собуни моеъ соли 1865 аз ҷониби Уилям Шепарди амрикоӣ ихтироъ шудааст. Соли 1712 дар Англия барои истифода аз собун андоз ҷорӣ гардид, ки то соли 1835 амал кард. Ҳар сол аз ин ҳисоб ба буҷети давлат 1 миллион фунт ворид мегардид.

xxx

Собуне, ки аз маҳсулоти табиӣ истеҳсол мешавад, барои пешгирии бемориҳои экзема, псориаз ва дигар касалиҳои пӯст истифода мешавад.

xxx

Нафақагир Кэрон Вон, сокини Британияи Кабир, аз солҳои 90 - уми асри гузашта ба ҷамъ намудани собун шавқ пайдо намуд. Имрӯз дар коллексияаш беш аз 5000 намуди собунро ҷамъоварӣ намудааст.

# Суханони ҳакимона

Худпараст мисли дарахти бемева хушк мешавад.

xxx

Агар хубиатро бовар кардан хоҳӣ, дар бораи он чизе магӯй.

xxx

Шахсе, ки ба дигарон хушбахтӣ мехоҳад, худ хушбахт аст.

xxx

Роҳ барои расидан ба ҳақиқат яктост, аммо барои дур шудан аз он ҳазорхост.

xxx

Шахсе, ки барои бадбинӣ имконият меҷӯяд, имкони дӯст доштанро аз даст медиҳад.

xxx

Инсон хатоҳояшро дар вақти хурсандиаш не, дар вақти ғамгиниаш мефаҳмад.

## Оё медонед?

Хотираи инсон агар наворбардор мешуд, имкон буд, ки шабонарӯзӣ тӯли 300 сол навор гираду сабт намояд.

xxx

Наҳангҳо метавонанд то 100 рӯз нахобанд ва то 10 моҳ дар гуруснагӣ тоб биёранд.

xxx

Ба ақидаи табибон кӯдакон аз дигар фаслҳои сол дида, дар фасли баҳор тезтар калон мешаванд.



# Панди рӯзгор

Профессор барои суханронӣ ба толоре ворид мешавад, аммо дар он ҷо танҳо як нафарро дида, норохат мегардад.

- Ба фикри ту, барои як нафар суханронӣ кунам ё не?- мепурсад аз ӯ профессор.

- Ман як саиси одиям. Агар бубинам, ки ба ҷуз як асп ҳамаи аспҳо гурехта бошанд, ба он як асп ҳатман ҷав медиҳам.

Профессор аз ин посух рӯҳу илҳоми тоза гирифта, ба суханронӣ шурӯъ менамояд. Суханронӣ ду соат тӯл мекашад. Баъди итмоми баромадаш аз саис суол мекунад:

- Ба ин суханронии ман чӣ гуна баҳо медиҳӣ?

Саис посух медиҳад:

- Муҳтарам профессор, тавре гуфтам, ман як саиси одиям. Аз ин суханрониҳо чизи зиёде нафаҳмидам. Аммо боз такрор мекунам, ки агар ҳамаи аспҳо бигурезанду танҳо як асп бимонад, ба он ҳатман ҷав медиҳам, аммо на аз меъёр зиёд, ки меъдааш бикафад.

Боҷу хироҷ

МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:

ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; МЕЛИКЗОДА К.Н. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - ёрдамчии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НУРЗОДА Ҷ. - сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ВОҲИДОВ А. - котиби масъули рӯзномаи «Боҷу хироҷ»; НИГМАТОВ М. - сардори шуъбаи иқтисод, буҷет ва андози рӯзномаи «Боҷу хироҷ».

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ тахти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Тел: 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

Навбатдор: Тоҳир ЧИЛАЕВ

Тарроҳ: Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

***Индекс: 68930***

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

**Теъдод: 58 224**